

НОМАҲОИ АЙНӢ ВА ЛОҲУТӢ ДАР ЭРОН с. 8
НАРХ ГАРОН НЕСТ, МО ПУЛ НАДОРЕМ... с. 9
ИЛОН МАСК ВОРИДИ СИЁСАТ МЕШАВАД? с. 4

ТОҶИКИСТОН

№34 (1597), 21.08.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



РУСИЯ ОҚОХОНИ IV-РО ТАҲРИМ КАРД



ДАР ИН ШУМОРА:

САРМОЯГУЗОРИ БУЗУРГ
Дар ҳошияи сафари Президенти Қазоқистон ба Тоҷикистон с.3

СИЁСАТ
Ӯзбекистон бо Толибон наздик мешавад с.4

ОБИЛАИ МАЙМУН
Тоҷикистон чӣ чора андешид? с.5

ВАҲДАТ
“Ҷин” боздошт шуд с.11

АБДУРАҲИМ ҲОҶИБОЕВ
Адиби фаронса ва тоҷикон с.7

ИМА
Суди марди тоҷик бо ҷурми таъқиб с.11

ВАРЗИШ
Аввалин чемпионати ҷаҳонӣ дар Душанбе с.10

КАНЗИ ШИФО
Туҳфаи табиат ба беморони қалб с.15

МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ
АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- *Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м*
- *Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см*
- *Тирезаҳои алюминий*
- *Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ*
- *24/7 амният ва назорати видео*
- *Таваққуфгоҳи зеризаминӣ*
- *Дар наздики гипермаркети Auchan, магозаи JYSK*

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

НИМПАЙКАРАИ АБАЙ КУНАНБОЕВ ДАР ДУШАНБЕ

21-уми август дар Боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе маросими пардабардорӣ аз рӯи нимпайкараи шоири қазоқ Абай Кунанбоев баргузор гардид.

Дар пардабардорӣ вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён ва вазири фарҳанг ва иттилооти Қазоқистон Аида Баллаева иштирок намуданд.

Гуфта мешавад, ки Абай Кунанбоев шоир, бастакор, маорифпарвар ва фаъоли ҷамъиятии қазоқ аст. Абай фарди бофарҳанги ҷаҳонӣ буда, мероси ғании адабии ӯ на танҳо ганҷинаи маънавии як миллат, балки мутааллиқ ба кулли башарият мебошад.

Эҷодиёти Абай Кунанбоев чун шоир ва нависанда аз се сарчашма - эҷодиёти даҳанакии халқ, назми оламгири Шарқ ва адабиёти русу аврупоӣ маншаъ гирифтааст.



РУСИЯ САНҶИШИ ИҶОЗАТИ ВУРУДИ ТОҶИКОНРО ПУЛАКӢ КАРД

Аз 1-уми сентябри соли равон хизматрасонӣ дар Намояндагии муассисаи федералии воҳиди давлатии «Хадамоти шиносномадиҳӣ ва раводид»-и Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пулакӣ мешавад.

Бино ба иттилои Хадамоти муҳоҷирати Тоҷикистон, феълан санҷиши пеш аз сафар дар ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла бақайдгирии изи ангушт, санҷиши манъи вуруд ба ҳудуди Русия ва дигар хадматрасониҳои ин ниҳоди русӣ ройгон аст.

Намояндагии муассисаи мазкур 28-уми майи соли равон ба кор шуруъ кард. Он дар бинои Хадамоти муҳоҷират бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 121 ҷойгир аст.

ПОКИСТОН РАВОДИДРО БА ТОҶИКИСТОН РОЙГОН КАРД

Мақомоти Покистон барои шаҳрвандони 126 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон пардохти пули раводидро бекор кард.

Ҳамакнун ба шаҳрвандони ин кишварҳо раводиди сайёҳӣ ва тиҷоратӣ ба муҳлати 90 рӯз дар давоми 24 соат ройгон дода мешавад.

Илова бар ин, раванди дархости раводид барои онҳо хеле сода хоҳад шуд.

Қаблан миёни Тоҷикистон ва Эрон низоми бидуни раводид аз 10-уми августи соли ҷорӣ амалӣ шуд.

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон бошад, аз 1-уми майи соли равон барои шаҳрвандони боз 25 кишвари ҷаҳон низоми бидуни раводид ҷорӣ гардид.

Гуфта мешавад, ба феҳристи кишварҳое, ки шаҳрвандонашон метавонанд бидуни раводид вориди Тоҷикистон шаванд, ҳоло Булғористон, Бразилия, Ватикан, Ирландия, Мексика, Муғулистон, Уммон ва дигар кишварҳо дохил гардидаанд.

МУРАББИИ БЕҲТАРИНИ СОЛ КИСТ?

Дар шаҳри Душанбе озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон-2024» ҷамъбаст гардид.

Дар ин озмун мураббии муассисаи таҳсилоти томактабии №112-и ноҳияи Сино Фирӯза Ғаюрова сазовори ҷойи якум шуд.

Тавре аз Сарраёсати маориф шаҳри Душанбе ба Pressa.tj иттилоъ доданд, барои муайян намудани ғолиби озмуни ҷумҳуриявӣ фаъолияти педагогӣ, дониш ва маҳорати касбии мураббӣ, машғулияти таълимӣ, тасвир намудан ва сохтани манзара бо дархости ҳайати доварон ва таҳлили ҳолатҳои равонӣ ба назар гирифта шуд.

САФИРИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ИВАЗ ШУД

Чон Сок Син Сафири Кореяи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон таъин шуд.

Тавре Агентии иттилоотии Yonhap хабар медиҳад, Президенти Кореяи Ҷанубӣ Юн Сок Ёл 20-уми август ба Чон Сок Син эътимоднома супорид. Дар навбати худ, номбурда ин эътимоднома-ро ба Президенти Тоҷикистон месупорад.

Ёдовар мешавем, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ 27-уми апрели соли 1992 роҳандозӣ шуданд. Сафорати Кореяи Ҷанубӣ дар Душанбе соли 2008 ва Сафорати Тоҷикистон дар Сеул соли 2015 ифтитоҳ гардиданд.

То соли 2022 ба сафорат дар Душанбе кордори муваққатии Ҷумҳурии Корея дар Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Моҳи январи ҳамон сол нахустин сафири ин кишвар - Квонг Донг Сок омад, ки акнун дипломати навтаъин ӯро иваз мекунад.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, дар зарфи 9 моҳи соли 2023 ҳаҷми гардиши молу маҳсулот байни кишварҳо зиёда аз 96 млн доллярро ташкил додааст.

САРИ САБЗ



Мирзонасриддин САИДЗОДА, нависандаи тоҷик

- Муаллим Иброҳим Кенҷаевич оид ба китоби "Нони шарикӣ" мақолаи хубе навиштанд, ки он дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" чоп шуд. Аммо барои арзишҳои ҳунарии асари бадеиро нақд кардан, бояд онро хонд ва ҳазм кард... Баробари нависанда дониш доштан лозим.

- Иииии, фикр мекунед, ки муаллим Иброҳим Кенҷаевич китобро нахонда ва ё хондаву ҳазм накарда, мақолаи хуб навиштааанд? Дониши дигар хонандаҳо дар кадом сатҳ бошад?



Зебунисо РУСТАМОВА, камонвари тоҷик

- Нафаре лозим буд, то дар соҳаи камонварӣ тачрибаи хуб дошта бошад ва то кадом андоза дуруст будани он машғулиятҳоеро, ки мо бо варзишгарон анҷом медиҳем, аз назар гузар онад. Бинобар ин, тасмим гирифтем, то аз Кореяи Ҷанубӣ ба кишвар мутахассиси камонвариро ҷалб намоем.

- Боке надорад, муаллимаи азиз, аммо то кай бо мусиқии бегона суруд мехонем? Алакай вақти он расидааст, ки дар самти камонварӣ ҳам мутахассисони худро омода намоем.



Манучеҳр ҒАФФОРЗОДА, яке аз муассисони стартапи Predictory

- Ҳар коре, ки мо то ин дам анҷом додем, танҳо дарҳоро кӯфтему хидматрасониҳои худро пешниҳод кардем. Вақте мақсаднок ба назди касе меравед ва аз худ дарак медиҳед, ин ҳам маркетинг аст. Мо ин тактикаи мушаххасро интихоб кардем - мустақиман ба назди муштарӣ равем.

- Хайр, ҳо охир! Вақте ки маркетинг аст ва ҷойе, ки пул аст, пулдор хеста пеши шумо намеояду даратонро намекӯбаду намегӯяд, ки "ҷӯра, ана пул, бигир".

САРМОЯГУЗОРИ БУЗУРГ

Дар ҳошияи сафари Президенти Қазоқистон ба Тоҷикистон

Рӯзҳои 22-23-юми август сафари Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев ба Тоҷикистон дар назар аст. Дар ҳошияи ин сафар дар Тоҷикистон алакай чандин чорабиниҳои муштарак баргузор шуданд. Рӯзҳои кинои Қазоқистон бо намоиши силсилафилмҳо, форуми тиҷоратӣ-сармоягузории Тоҷикистон ва Қазоқистон, ҳамоиши илмии олимони ду кишвар аз ин қабиланд.



Шарики боэътимод

Имрӯз шарикии стратегии Тоҷикистон бо Қазоқистон дар тамоми бахшҳо босуръат рушд меёбад. Махсусан, ҷониби ду давлат талош доранд, ки робитаи тиҷоратӣ ва сармоягузориро бештар намоянд. “Мо манфиатдорем, ки заминаи ҳамкории ду кишвар минбаъд ҳам мустаҳкам шавад”,- таъкид дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо Сарвазири Қазоқистон Олжас Беткенов, ки охири моҳи апрели соли равон дар шаҳри Душанбе доир шуд.

«Тоҷикистонро мо шарики боэътимоди стратегӣ ва ҳампаймон медонем, байни кишварҳои мо ҳеҷ масъалаи ҳалношуда набуд ва нест, ҳамаи онҳо дар руҳияи ҳампаймонӣ ва бародарӣ ҳал мешаванд”,- изҳор дошта буд Олжас Беткенов.

Тавре гуфта мешавад, ҳоло дурнамои рушди ҳамкории кишварҳо дар соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла тиҷоратию иқтисодӣ, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, молиявию бонкӣ, сармоягузорӣ, маориф, фарҳанг ва сайёҳӣ дар мадди аввал аст.

Бино ба маълумоти оморӣ, соли гузашта гардиши мол миёни кишварҳо ҳудуди беш аз 1,1 млрд долларро ташкил додааст. Аммо ҷонибҳо ҳамеша таъкид медоранд, ки барои боло бурдани ин нишондод тадбирҳои муштарак бояд андешид.

Дар вохӯриҳои расмии Тоҷикистон ва Қазоқистон борҳо аз ҷалби сармоя ба соҳаҳои барои ҳар ду ҷониб судовар таъкид мегардад. Яъне, ин соҳаҳои муҳим саноати сабук ва кӯҳӣ, хӯрокворӣ, кимиё, металлургияи ранга, мошинсозӣ, дорусозӣ ва сайёҳӣ мебошанд.

150 созишнома дар 30 сол

Дар давоми беш аз 30 соли ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Қазоқистон 150 созишнома ба имзо расидаанд. Ин созишномаҳо соҳаҳои муҳимтарин ва самтҳои афзалиятноки ду кишварро фаро мегиранд. Саид Саидов, коршиноси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон мегӯяд, ки муносиботи гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Қазоқистон заминаи мустаҳками анъанаҳои таърихӣ дошта, солҳои охир дар руҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва эътимод густариш меёбанд.

“Муносибатҳои ҷонибҳо дар самтҳои гуногуни фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш ва дигар бахшҳои муҳим фаъолона идома доранд. Ҳамкории ду давлат дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ хеле бомуваффақият пеш меравад”,- мегӯяд номбурда.

Ба таъкиди номбурда, яке аз далелҳои муваффақияти Тоҷикистон ва Қазоқистон дар пешбурди ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба - ин ҷойгиршавӣ дар ҷуғрофиёи ягона, ҳамзистии таърихӣ, умумияти таърихӣ, маънавӣ ва фарҳангии халқҳои ду давлат ва таҷрибаи ҳосилшудаи ҳамкории неку дӯстона дар даврони собиқ аст.

“Дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қазоқистон имзои «Созишнома дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 14-уми сентябри соли 2015 гардиши нав ба бор овард. Ин созишнома сатҳ ва сифати эътимоди тарафайнро хеле баланд бардошта, дар низоми робитаҳои ҳасана уфуқҳои нав боз намуд. Тавре аз муқаррароти ин созишнома бармеояд, ҷонибҳо дар асоси принсипҳои дӯстӣ ва эҳтироми ҳамдигар, эътимод ва дастгирии ҳамдигар, баҳри рушди ҳамкории гуногунҷанба ва ба сатҳи сифатан нав баровардани ҳамкории дуҷонибаи ба манфиати халқҳои ҳарду ҷониб комилан ҷавобгӯ саъй намуда, ба татбиқи ҳамаҷонибаи тамоми зарфияти мавҷуда мусоидат менамоянд”,- гуфт номбурда.

Айни замон дар Тоҷикистон зиёда аз 80 корхонаи муштарак фаъолият мекунанд. Дар Қазоқистон ҳам чунин корхонаҳо бо иштироки сармоягузорони тоҷик вуҷуд доранд.

Афзоиши содирот аз Қазоқистон ба Тоҷикистон

Дар шаш моҳи соли 2024 ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷӣ байни Тоҷикистон ва Қазоқистон 575 миллион долларро ташкил додааст. Аз ҷумла, содироти молҳои ҷониби Қазоқистон тақрибан 20% афзоиш ёфтааст. Соли 2023 бошад, ҳаҷми гардиши мол 1 миллиарду 148 миллиону 700 ҳазор долларро ташкил додааст. Дар сохтори тиҷорати хориҷии Тоҷикистон соли гузашта Қазоқистон бо суръати баланд (бо ҳиссаи 13,8 дарсад) дар ҷойи 4-ум қарор гирифт. Яъне, имрӯз Қазоқистон дар низоми робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон пешсаф аст. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ду кишвар талош доранд, ки нишондиҳандаро боз зиёд намоянд. Борҳо дар вохӯриҳои расмӣ таъкид гардидааст, ки нишондиҳандаҳои солонаи тиҷоратии дуҷониба ояндаи наздик то 2 миллиард доллар расонида мешавад.

СОЛИ 2023 ҲАҶМИ ГАРДИШИ ТИҶОРАТ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН 1 МИЛЛИАРДУ 148 МИЛЛИОНУ 700 ҲАЗОР ДОЛЛАРРО ТАШКИЛ ДОД. СОЛИ ҶОРӢ БОШАД, СОДИРОТИ МОЛ АЗ ҚАЗОҚИСТОН БА ТОҶИКИСТОН ТАҚРИБАН 20% АФЗОИШ ЁФТААСТ.

Сармоягузорони бузург

Ҳоло сегонаи давлатҳои калонтарини сармоягузор ба иқтисоди Тоҷикистон Қазоқистон, Чин ва Русия мебошанд. Хуршедаи Қодир, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон зимни як ҳамоиш вобаста ба муаррифии дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар шаҳри Душанбе гуфт, ки Қазоқистон беш аз 220 млн доллар, Чин беш аз 130 ва Русия қариб 100 млн доллар ба Тоҷикистон сармоягузорӣ намудаанд. Ин маблағест, ки дар як соли гузашта кишварҳои номбурда ба иқтисоди Тоҷикистон сармоягузорӣ кардаанд. Дар маҷмуъ, соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон 2,7 млрд долларро ташкил додааст, ки дар муқоиса бо нишондоди соли қаблӣ 114 млн доллар зиёд мебошад.

Қазоқистон бо ин рақам танҳо соли гузашта ҳиссаи намоёни худро дар рушди иқтисоди Тоҷикистон гузошт ва талош дорад, ки бо Чин баробар шавад. Аммо Чин дар Тоҷикистон бо бунёди корхонаҳои муштарак, роҳҳои транзитӣ ва ба ин васила таъсиси ҷойҳои корӣ мавқеи намоён дорад.

Мақомоти Тоҷикистон ба ин бовараанд, ки маҳз имтиёзҳои андозӣ ва фазои мусоид барои сармоягузорон имкон фароҳам овардааст, ки нишондиҳандаҳо назаррас шаванд. Ба андешаи соҳибназарон, нисбат ба чанд соли пеш монеаҳои маъмурӣ камтар, инфрасохтори сармоягузорӣ ва низоми мукаммали имтиёзҳои андозӣ ба миён омаданд. Вале ин ҳам кифоя нест. Тоҷикистон талош дорад, ки дар доираи амалишавии барномаҳои рушди саноат барои сармоягузорон сабукиҳоро бештар намояд.

Усмон РАҲИМЗОДА



BBC

Ален Делон - ҳунарманди бузурги синамои Фаронса рӯзи 18-уми август дар синни 88-солагӣ аз олам даргузашт.

Ален Делон моҳи ноябри соли 1935 дар канори шаҳри Порис ба дунё омадааст. Баъди ҷудо шудани волидонаш дар оилае мезист, ки ӯро ба парасторӣ гирифта буданд. Ҳунарпешаи оянда он замон мактабро тарк кард ва ба артиш рафт. Дар нимаи солҳои 50-ум тасодуфӣ ба олами синамо ворид шуд. Делон дар даҳҳо филм нақш офаридааст ва дар саросари олам машҳур аст.



Deutsche Welle

Вазорати корҳои хориҷии Ҳиндустон рӯзи 19-уми август хабар дод, ки сарвазири ин кишвар ба Киев - пойтахти Украина сафар хоҳад кард. Сафари Нарендра Модӣ баъд аз чанд ҳафтаи танқиди Киев сурат мегирад.

Мақомоти Украина қаблан Модиро барои он мазаммат карда буданд, ки ҳангоми сафараш ба Маскав раҳбари Русия Владимир Путинро гарм ба оғӯш кашидааст. Дар хабари ВКХ гуфта шудааст, ки Модӣ инчунин аз Лаҳистон (Полша) дидан мекунад.



Daily Mail

Муштзани алҷазоирӣ Имон Хелиф, ки дар Олимпиадаи Порис медали тило гирифт, алайҳи Трамп, Маск ва Ҷоан Роулинг ба додгоҳ шикоят бурд.

Вай онҳоро ба "таҳқир дар шабакаҳои иҷтимоӣ" айбдор кард. Қаблан Трамп акси Хелифро нашр карда, дар зераш навишт: "Ман ба мардон иҷозат намедиҳам, ки бо варзиши занон машғул шаванд". Маск навишта буд, ки "мардонро дар варзиши занон бешубҳа ҷой нест". Муаллифи “Гарри Поттер” Роулинг ҳам Хелифро маҳкум карда буд. Имон, ки чеҳраи хабарсози Олимпиадаи Порис шуд, дар асл зан буда, аз сабаби боло будани ҳормонҳояш шабеҳи мард аст.

РУСИЯ ОҚОХОНИ IV-РО ТАҲРИМ КАРД

Русия рӯзи 19-уми август ба зидди Шоҳзода Карим Оқохон, раҳбари Бунёди Оқохон ва пешвои исмоилиёни ҷаҳон таҳрим ҷорӣ кард.

Чор намояндаи дигари созмон - Кристофер Эндрю, Мэтт Рид, Ализа Митҳа ва Николас Макграт низ таҳти таҳрими Маскав қарор гирифтанд.

Бино бар ин таҳрим кормандони Бунёди Оқохон аз ҳақи сафар ба Русия маҳрум шуданд.

Ин дар ҳолест, ки Бунёди мазкур дар Русия асосан ба кори хайрия машғул буд ва чанд сол пеш президент Владимир Путин дар дидор бо Шоҳзода Карим Оқохон аз фаъолияти рӯшангарона ва башардӯстонаи он ситоиш карда буд.

Вокуниши Карим Оқохон ва намояндагони созмони зери раҳбарии ӯ ба қарори ҳукумати Русия маълум нест.

Вазорати корҳои хориҷии Русия рӯзи 19-уми август дар умум беш аз сӣ намояндаи Британиёро таҳрим кард.

Дар изҳороти вазорат гуфта шудааст, ки Маскав чун иқдоми ҷавобӣ ба Лондон ба зидди чанд созмони таҳлилию сохторҳои давлатии Британиё таҳрим ҷорӣ мекунад. Ба иддаои ВКХ-и Русия, “Британиё сиёсати хашини зиддирусиро пеш мебарад”.



Дар миёни созмонҳои дигари таҳримшуда дар Русия “Chatham House” ва “Open Knowledge Foundation” ҳам ҳастанд.

ӮЗБЕКИСТОН БО ТОЛИБОН НАЗДИК МЕШАВАД

ISNA

Абдулло Орипов, сарвазири Ӯзбекистон ба Афғонистон сафар кард ва бо роҳбарони ин кишвар мулоқот намуд. Дар ин бора хабаргузории ISNA иттилоъ медиҳад. Ин нахустин сафари мақоми баландпояи Ӯзбекистон баъди сари қудрат омадани Толибон аст.



Абдулло Ориповро дар фурудгоҳ муовини нахуствазири ҳукумати Толибон Абдулсалом Ҳанафии ӯзбектабор пешвоз гирифт.

Абдулло Орипов зимни ин сафар бо чандин мақоми баландпояи Толибон, аз ҷумла бо Мулло Абдулғанӣ Бародар, муовини аввали нахуствазири ҳукумати Толибон, муовини ӯ оид ба масоили идорӣ Абдулсалом Ҳанафӣ, муовин оид ба масоили сиёсӣ Абдул Кабир ва вазири умури хориҷӣ Амирхон Муттақӣ мулоқот карда, дар маросими рӯнамоии маҳсулоти Ӯзбекистон ширкат варзидааст.

“Тарафҳо ҷиҳати таҳкими равобити тиҷории ду кишвар 5 санад ба имзо расонидаанд. Дар умум байни ҳукумати Толибон ва Ӯзбекистон дар масъалаҳои иқтисодӣ 35 ёддошти тафоҳум ба маблағи 2,5 миллиард доллар ба имзо расонида шудааст”,- менависад ин расона.

Абдулғанӣ Бародар гуфтааст, ки “имзои ин санадҳои муҳим гувоҳи иродаи қавӣ ва тааҳҳуди сиёсии роҳбарони Афғонистон ва Ӯзбекистон буда, ҳамгироии иқтисодиро дар минтақа қавӣ мегардонад. Мо итминон дорем, ки ин созишномаҳо барои сармоягузорӣ, тиҷорат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки ба манфиати мардуми ҳарду кишвар хоҳад буд, роҳҳои нав эҷод мекунанд”.

Нахуствазири Ӯзбекистон Абдулло Орипов гуфтааст, ки “Ӯзбекистон ҷонибдори густариши ҳамкориҳо бо Афғонистон дар бахшҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ буда, ҳамкориҳои худро бо Кобул дар бахшҳои истихроҷи маъдан, неруи барқ, кишоварзӣ, бозсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳо ва маконҳои таърихӣ ва густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ идома хоҳад дод”.

Ёдовар мешавем, ки Толибон моҳи августи соли 2021 қудратро дар Афғонистон ба даст оварданд. Аммо то ҳол ҳеҷ кишвари ҷаҳон ҳукумати ташкилкардаи ин гурӯҳро ба расмият нашинохтааст. Вале аз кишварҳои минтақа Ӯзбекистон аз рӯзҳои нахустини ба сари қудрат омадани Толибон бо онҳо муносибати нарм дорад.

ИЛОН МАСК ВОРИДИ СИЁСАТ МЕШАВАД?

REUTERS

Доналд Трамп гуфт, ки дар сурати пирӯзӣ дар интихобот мехоҳад Илон Маскро мушовири худ бубинад.

Илон Маск дар посух гуфт, ки омода аст дар ҳукумати ИМА мансаби худро ишғол кунад ва акси худро дар паси минбар бо сарлавҳаи "Департаменти самаранокии ҳукумат" нашр кард.

Ёдовар мешавем, ки Маск аз рӯзҳои нахустини ба корзори интихоботӣ баромадани Доналд Трамп ӯро дастгирӣ ва рақиби ӯ Камала Ҳаррисро интиқод мекунад. Ҳафтаи пеш Маск гуфт, ки дар сурати президент шудани Ҳаррис ИМА метавонад дучори гуруснагии шадиду нобудӣ ҳамчун давлат шавад.




Маск паёми як коршиноси бахши молияро дар саҳифааш дар “X” бознашр кард, ки агар Ҳаррис ба иҷрои барномаи худ барои маҳдуд кардани нархи ғизо шуруъ кунад, кишварро гуруснагӣ фаро мегирад, зеро саноати хӯрокворӣ хароб мешавад.

Ҳаррис гуфт, нақша дорад, ки дар шароити афзоиши таваррум манъи болоравии нархи ғизоро ҷорӣ кунад. Ӯ афзуд, ширкатҳоеро, ки "аз бухрон истифода мебаранд, "ҷарима мекунанд ва ба шахрвандоне, ки бори аввал манзил мехаранд, 25 ҳазор доллар медиҳанд".

Ҳамчунин, ҳафтаи гузашта Трамп бо Маск мусоҳиба орост.

Илон Маски 53-сола, ки молики ширкатҳои “SpaceX”, “Tesla”, “The Boring Company”, “Neuralink и OpenAI” ва “Twitter (X)” мебошад, сарватмандтарин фарди сайёра буда, дороии ӯ болои 300 млрд доллар арзёбӣ мешавад.



ТОҶИКИСТОН ДАР НИМ СОЛ ЧӢ ХАРИДУ ЧӢ ФУРӮХТ?

Тоҷикистон дар шаш моҳи соли равон ба маблағи қариб як миллиард доллар ба хориҷа маҳсулот фурӯхтааст. Содироти коло аз Тоҷикистон тақрибан ба як миллиард доллар расидааст.

Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 319,2 миллион доллар зиёд мебошад.

Тило ба колои асосии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Тибқи омор, дар ним соли равон филизоти қимматбаҳо ба таври анъанавӣ ҳиссаи асосии содироти Тоҷикистонро дар бар гирифтааст, ки беш аз 30% ҳаҷми умумиро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон маъданҳо дар ҷойи дувум, пахта дар ҷои севум қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин як ҷузъи муҳими иқтисодиёт фурӯши алюминий ва сурма мебошад.

Қобили зикр аст, ки маҳсулоти Тоҷикистон дорои сифати баланд ва аз лиҳози экологӣ тоза ва ҳангоми фурӯш ба хориҷи кишвар рақобатпазир мебошад.



ОБИЛАИ МАЙМУН
Тоҷикистон чӣ чора андешид?

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ аз шуюъи бемории нави сироятӣ ҳушдор медиҳад, ки боиси марги садҳо нафар дар Ҷумҳурии Демократии Конго шудааст. Ин беморӣ "обилаи эм" ном дошта, як навъ аз бемории обилаи маймун аст. Феълан, гирифторони ин беморӣ дар Аврупо низ ба қайд гирифта шудаанд.

Нигаронии СУТ

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) бо нашри як изҳорот аз ширкатҳои дорусозӣ хост, ки истеҳсоли ваксина ба зидди ин бемориро афзоиш диҳанд.

Маргарет Ҳаррис, сухангӯи СУТ дар суҳбат ба Reuters гуфт, ки бемории мазкур махсусан барои онҳое хатарнок аст, ки масунияти бадани суст доранд, аз ҷумла гирифторони вируси норасоии масунияти бадан ва ҳам кӯдакони хурд ва афроде, ки ба қадри кофӣ ғизо намехӯранд.

То ба имрӯз дар Конго аз бемории мазкур наздик ба 800 нафар фавтидаанд. Дар Нигерия бошад, қариб 100 ҳолати сироят ба обилаи маймун ба қайд гирифта шудааст. Дар Бурундӣ, Кения, Руанда ва Уганда ҳам беморӣ сабт шудааст.

Дар Аврупо сабт шудани ҳолати гирифторӣ ба обилаи маймун феълан ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардааст. Аввалин мавриди сироят ба ин беморӣ дар Шветсия рӯзи панҷшанбе, 15-уми август ба қайд гирифта шуд. Дар Покистон низ мавридҳои гирифторӣ ба ин вирус ба қайд гирифта шудааст.

Феълан мақомоти бехдоштии кишварҳои аврупоӣ бо ин беморӣ мубориза мебаранд. Мақомоти Чин ҳам эълон кардааст, ки барои мубориза бо ин беморӣ чора меандешад.

Тоҷикистон чӣ чора дид?

Мақомоти Тоҷикистон ҳам барои пешгирии ин беморӣ чора андешидаанд. Наврӯз Ҷаъфаров, намояндаи Вазорати тандурустии Тоҷикистон мегӯяд, ки барои пешгирӣ аз мавридҳои гирифторӣ ба бемории "Обилаи маймун" мусофиронро дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе месанҷанд. Бахусус онҳоеро, ки аз Африқову Аврупо меоянд.

Наврӯз Ҷаъфаров гуфт, ки барои муайян кардани ин навъи беморӣ тест дастрас нест, "аммо нишонаҳои он мушаххас буда, бо азназаргузаронӣ мушоҳида мешаванд".

Ба иттилои Вазорати тандурустии кишвар, то ба имрӯз дар Тоҷикистон мавриди гирифторӣ ба "обилаи маймун" сабт нашудааст.

"Обилаи маймун" чӣ беморист?

Ин бемории сироятӣ бо номҳои "Мрох" ё "Обилаи эм" ҳам маъмул аст. Онро вирусе бармеангезад, ки аз ҳайвон ба инсон сироят мекунад, вале дар сурати иртиботи наздик аз инсон ба инсон ҳам мегузарад. Таби баланд, дарди мушакҳо ва обилаҳои калон дар рӯи пӯст аз аломатҳои ин беморӣ ҳастанд.


"Мрох" ё обилаи маймун одатан дар Африқои Марказӣ ва Ғарбӣ, аксар вақт дар наздикии ҷангалҳои тропикӣ сабт шуда, дар Конго эндемия (мавҷудияти доимии касалии сироятӣ дар маҳал) ба шумор мерафт. Онро бори аввал соли 1970 дар бадани одамон кашф карданд.


Феълан дар ҷаҳон зиёда аз 14 ҳазор нафар аз "обилаи маймун" сироят ёфта, беш аз 500 нафар фавтидаанд.

Д. ҚОДИРПУР

ХАЗИНАИ НОДИРИ ДАСТНАВИСҲОИ ОСОРИ БЕДИЛ

Бештар аз шаш сол мешавад, ки дар муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон саҳифаи наве боз шудаву равобит дар ҳамаи самтҳо ба сатҳи нав ворид гардидааст. Ин рӯйдодҳои муҳиму созанда, ки сарчашма дар ташаббусҳои дурнигаронаи сарварони ҳар ду кишвар дорад, роҳро барои эҷоди заминаҳои рушди ҳамкориҳои шоистаи аҳсан ҳамвор намуд.





Бар пояи чунин пайвандҳои матлуб буд, ки чандин санадҳои ҳамкорӣ миёни МДТ “Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” ва як гурӯҳ донишгоҳҳои олии кишвари ба мо дӯст ва бародари Узбекистон ба имзо расид, аз ҷумла бо Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов.

Чанде қабл дар заминаи ичрои муқаррароти санадҳои баимзорасидаи ҳамкориҳо инҷониб барои истифода аз хазинаи китобхонаи илмии ба номи Абдураҳмони Ҷомии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов сафари омӯзишӣ анҷом додам.

Китобхона таърхи тӯлонӣ дошта, соли 1929 таъсис ёфтааст. Соли 2006 дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон китобхона ба Маркази захирааҳои илмӣ-иттилоотии Донишгоҳи давлатии Самарқанд табдил ёфт.

Баробари вуруд ба ин махзани китоб ва ганҷинаҳои нодир толори феҳристҳои алифбои осори маҳфуз дар ин китобхона ба назар мерасад ва аз касрати ҷузвдонҳои хоси онҳо маълум мешавад, ки хазинаи китобии хеле бойеро соҳиб аст. Ба иттилои масъулини китобхона, дар умум дар тамоми бахшҳои китобхонаи донишгоҳ 2709527 китоб нигаҳдорӣ мешавад, ки аз он устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ, инчунин дар асоси мактубот ва мурочиатҳои расмӣ пажӯҳишгарон аз муассисаҳои дигари илмии ватаниву хориҷӣ метавонанд дар ҳудуди худи китобхона истифода бубаранд.

Дар баробари шуъбаҳои дигар дар китобхона бахши нусхаҳои хаттӣ фаъолият дорад. Бино ба маълумоти мудири шуъбаи мазкур Муҳаммадҷон Бузруков, дар ин бахши китобхона 4200 номгӯи нусхаҳои хаттии осори форсӣ, арабӣ ва туркиву ӯзбекӣ ва 4700 нусхаҳои чопи сангӣ бо ҳамин забонҳо маҳфузанд. Шуъбаи мазкури китобхона ҳам солҳои тӯлонист, ки фаъолият мебарад. Устодони соҳибноми Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессорон Шавкат Шукуров, Ботур Валихочаев, Садрӣ Саъдиев, Ҷумъа Ҳамроев, инчунин муҳаққиқони соҳибном А. Пулатов (А.Пӯлодӣ), Ҳ. Аҳроров, Ш. Аминов, Г. Х. Далилӣ ва дигарон дар ҷамъоварии дастхатҳо, таъсиси шуъба ва ҳифзи дастнависҳои мазкур хидмат кардаанд.

Соли 1977 бори аввал бо кӯшиши донишмадони соҳибном А. Пулатов ва Ҳ. К. Аҳроров китоби “Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқи китобхонаи марказии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ” (бо забони русӣ) омода ва чоп гардид. Баъдан бо эҳтимоми ҳамин муҳаққиқони соҳибназар ва ҷалби дигар мутахассисон феҳристи нусхаҳои хаттии осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ низ ба сурати китобҳои алоҳида дар ин китобхона чоп шуданд.

Аз феҳристи нусхаҳои хаттӣ бармеояд, ки дар хазинаи китобхона дастнависи девонҳои Ҳофизи Шерозӣ, осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, чанд намунаҳои осори насрии ирфонӣ, куллиёт ва девонҳои Саъдӣ, Амир Хусрав ва дигарон маҳфузанд. Дар баробари нусхаҳои хаттии мазкур нусхаи девон ва куллиёти осори Мирзо Абдулқодири Бедил низ хеле зиёд ба назар расид, ки теъдоди он, бино ба маълумоти масъули китобхона, 200 адад мебошад.

Чун ҳадафи аслии мо ошноӣ бо нусхаҳои хаттии осори Бедил ба шумор мерафт, бештар аз имкони дар ихтиёр дошта истифода намуда, то қадри имкон нусахи мазкурро мавриди омӯзиш қарор додем. То он ҷо ки барои мо равшан гардид, бештари нусхаҳои хаттии Девони Бедил, ки дар ин китобхона маҳфузанд, мунтахаб буда, маълум аст, ки дар заминаи баргузории маҳфилҳои бедилхонӣ дар чойхонаву бозорҳои Самарқанд дар қарни нуздаҳ китобат шудаанд. Устод Садриддин Айнӣ низ бар вуҷуди ин маҳофил ҳам дар “Ёддоштҳо” ва ҳам дар китоби “Мирзо Абдулқодири Бедил” ёд кардаанд. Шабоҳати шеваи китобат, ки аксари хати шикастаи бедилиро мемонад, ғазалҳои мунтахабшуда, ҳамгунии ғазали аввал ва нигоштаи охири нусхаҳо низ гувоҳ бар ҳақиқати ин амранд. Бештари нусхаҳо бо ин як байт ба анҷом расидаанд:

Шуд ба тавфиқи Худои лоаном,
Ин китоб рӯзи якшанбе тамом.

Танҳо дар баъзе нусхаҳо рӯзи анҷоми китобат тағйир ёфта, яъне рӯзи сешанбе, душанбе ба ҷойи якшанбе омадааст.

Ин монандиҳо ишорат бар он доранд, ки мунтахабҳои мазкур дар маҳфилҳои бедилхонӣ китобат гардидаанд. Бегумон имкон дорад, ки қисмате аз ин нусах аз ҳамдигар рӯйнависӣ ҳам шудаанд. Ҳатто дар бархе аз нусах дақиқан ҷойи китобат, яъне маҳалот ё гузарҳои шаҳри Самарқанд зикр гардида. Масалан, дар саҳифаи охири нусхаи шумораи 1008758 қайд гардида, ки дар мадрасаи Олимхон ҳазрати Ғозӣ китобат шудааст. Дар нусхаи маҳфуз бо шумораи 824055 бошад, қайд гардида, ки дар гузари ҳавзи Сангин дар хонаи Нурмуҳаммади Оқсақол дар соли 1267 ҳачрии қамарӣ китобат шудааст. Нусхаи шумораи 1008585 дар Янгиқишлоқ дар тумани баҳори Самарқанд дар соли 1263 китобат шудааст. Ҳарчанд устоди марҳум, бедилшиноси номвар Шавкат Шукуров дар рисолаи худ “Лирикаи Бедил”, бедилшиноси соҳибназари тоҷик Бобобек Раҳимӣ ба мавҷудияти чанд нусхаи Куллиёти осори Бедил ишорат намудаанд, вале зимни ошноӣ бо чанде аз ин дастнависҳо равшан гардид, ки онҳо низ ба сурати комил нестанд. Масалан, нусхаи шумораи 1187367 фарогири маснавиҳои “Тури маърифат”, “Тилисми ҳайрат”, мунтахаби девони ғазалиёт ва рубоиёт, инчунин мухаммасот буда, дар умум аз 636 барга таркиб ёфтааст ва дар миёни нусхаҳои ба унвони куллиёт муаррифишаванда нисбатан мукаммал аст. Ҳарчанд маснавиҳои мазкур ба шакли пурра омадаанд, вале аз ин муаррифӣ маълум мешавад, ки дар баробари нокомил будани бахши ғазалиёт ва рубоиёт, маснавиҳои “Муҳити аъзам”, “Ирфон” ва бахши осори мансури Бедил шомили ин куллиёт ва чунин нусхаҳои маъруф ба куллиёт нестанд.

(Давомаш дар саҳ. 13)

МАВЛУДНОМА

• 22 АВГУСТ •

Сафар Муродалиев (1904-1996), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Шаҳодат Сиддиқова (1924-1996), 100-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Александр Фрейман (1879-1968), 145-солагии зодрӯзи эроншиноси рус, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Дилоро Шукурова (1954), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Петр Мелиградов (1904-1987), 110-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси рус, доктори илми таърих.

• 23 АВГУСТ •

Василий Бояркин (1914-1943), 100-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Одилҷон Назаров (1929-2003), 95-солагии зодрӯзи дирежёр ва оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Абдурашид Рустамов (1924-1973), 100-солагии зодрӯзи муаррих.

Валерий Турсунов (1954), 70-солагии зодрӯзи яке аз беҳтарин футболбозони тоҷик.

• 24 АВГУСТ •

Шарофиддин Сайфиддинов (1929-2015), 95-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Пӯлод Толис (1929-1961), 95-солагии зодрӯзи нависанда.

• 25 АВГУСТ •

Мирзо Вафо (534-1560), 490-солагии зодрӯзи шоир.

Рустам Юлдошев (1939-2008), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ).

Дмитрий Наливкин (1889-1982), 135-солагии зодрӯзи геологи рус, таҳқиқгари канданиҳои зеризаминии Тоҷикистон.

• 26 АВГУСТ •

Соҳибдавлат Алиназарова (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

Маҳмуд Маликов (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Дилбар Умарова (1949), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Абдураҳмон Толибӣ (1834-1911), 190-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

• 27 АВГУСТ •

Қурбон Раҳимов (1904-1954), 120-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Нуралӣ Солиев (1909-1990), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Фёдор Столешников (1909-1987), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 28 АВГУСТ •

Вячеслав Аксёнов (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

Леонид Сенковский (1909-1990), 115-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ПОЛ ВАЙЯН-КУТЮРЙЭ

тоҷикон ва Абдураҳим Ҳоҷибоев

Пол Вайян-Кутюрйэ (1892-1937) - нависанда ва публитсисти намоёни фаронсавӣ, ходими пешбари Ҳизби коммунисти Фаронсаро шояд имрӯз кам шиносанд ва ба ному осори ӯ кам дида дӯзанд. Ба шарофати ҳузураш дар Тоҷикистон, ошноиҳояш бо ҳаёти тоҷикон ва муаррифиҳояш аз боби тоҷикон дар "Юманите"-и фаронсавӣ ному кораш низ барои мо мумтоз шуда ва дақиқан метавон гуфт, бо корҳояш дар як гӯшаи тоҷикшиносии ҷаҳонӣ ҷойи намоёнро соҳиб шудааст.



Пол Вайян-Кутюрйэ



Абдураҳим Ҳоҷибоев



Бароат Ҳоҷибоева

Вайян-Кутюрйэ таҳсилдидаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Порис, иштирокчии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914-1918), ҷонибдори инқилоби русии соли 1917 ва яке аз асосгузорони Ҳизби коммунисти Фаронса буда, дар рӯзномаи «Юманите» (L'Humanité)-и Фаронса вазифаи сардабирӣ доштааст (1926-1937).

Аз Пол Вайян-Кутюрйэ асарҳое чун «Бозгашти чӯпон» (1913), «Сулҳ» (1913-1914), «Айёми таътил», «Ҷанги аскарон» (1919), «Жанни бенаво» (1921), «Поездҳои сурх» (1925) ва ғайра мерос мондаанд.

Ҷолиб аст, ки Вайян-Кутюрйэ чандин маротиба ба кишварҳои шӯравӣ омада, аз ҷумла соли 1931 бо даъвати Ҳукумати шӯравии Тоҷикистон барои шиноҳти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик ба ҷумҳурии навтаъсиси мо низ сафар доштааст. Аз ин ҷиҳат аз нахустин нависандагони фаронсавист, ки ба кишвари офтобии мо омада, бо ҳаёти сиёсиву иқтисодиву фарҳангии тоҷикон шинос шуда ва вежабардоштҳояшро дар очеркҳояш таҷассум намуда ва дар «Юманите» ба нашр додааст. Осори ин нависандаи мумтози фаронсавӣ оид ба рӯзгори тоҷикон дар китоби "Созандагони ҳаёти нав" ё "Нӯҳ моҳи саёҳат дар ИҶШС" (дар 3 ҷилд, ҷилди 2, Париж, 1932) низ фароҳам омадааст. Китоб аз 24 очерк иборат буда, ба русӣ низ тарҷума ва соли 1933 нашр шудааст.

Дар қариб бист боби ин маҷмӯа бардоштҳои сафари Пол Вайян-Кутюрйэ аз бозидиди мавзеъҳои гуногуни Тоҷикистон фароҳам омадааст. Ин очеркҳо манбаи муҳими омӯзиши ҳаёти тоҷиконанд ва дар онҳо оид ба вазъи шаҳри Сталинобод, маросиму ид ва урфу одатҳои халқи тоҷик, суннати гӯштингирӣ, зуҳуроти зиндагиву кори заҳматкашони қаламравҳои Кӯлоб, Фархор, Хуҷанд иттилоъ ва бардоштҳои судманд ҷой ёфтаанд. Пол Вайян-Кутюрйэ дар бораи Комбинати абрешими шаҳри Хуҷанд низ бисёр боҳарорат навишта, аз нигоришҳояш оид ба сохтмони Неругоҳи обиву барқии Варзоб низ иттилои фаровони судманд мебардорем.

Дар маҷмуъ, чусторҳои адабии нависанда барои тоҷикшиносӣ хеле муҳиманд ва бахрамандиҳояш барои омӯзиши таърихи Тоҷикистон ва тоҷикон дар солҳои 30-юми садаи бист арзишу аҳамияти хеле назаррас доранд.

... Аввалин маротиба аз боби ин нависандаи шаҳир ва осори ӯ аз китобҳои профессори номвари фаронсавишиноси муосир Шокир Мухтор (рӯҳаш шод бод!) оид ба пайвандҳои адабии тоҷикону фаронсавиён иттилои судманд меёбем. Аммо банда аз ҳузури таърихии Вайян-Кутюрйэ ва арзиши корномаи тоҷикшиносии ӯ беш аз даҳ сол пеш - замони таснифи китоби "Осор ва пайкор"-и нахустин раиси Шӯрои комиссарони халқи Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳарчи бештар огоҳ шуда будам. Дар ин бора аз навиштаҳои Александр Дун, Бароат Ҳоҷибоева ва чанде дигарон низ метавон иттилои расо пайдо кард.

Аз ҷумла, аз рӯйи шаҳодати профессор Бароат Ҳоҷибоева, адиби маъруфи лаҳистониву шӯравӣ Бруно Ясенский ба раиси Шӯрои комиссарони халқи Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев номае навишта, пазироии адибони хориҷии маъруф ба "бригадаи интернатсионалӣ" ва ташкили сафари ононро ба Тоҷикистон дархост намуда будааст. Сафари Пол Вайян-Кутюрйэ ба Тоҷикистон низ дар ҳайати ҳамин адибони шиноҳтаи ҷаҳони аврупоӣ ва амрикоӣ - Эгон Эрвин Киш (нависанда ва журналисти маъруфи чехиву олмонӣ, "шоҳи репортаж"), Тиэл Линер (журналист ва аксбардори олмонӣ), Ҷошуа Кюнис (публитсисти амрикоӣ, профессори донишгоҳ), Луи Лозовик (наққоши амрикоӣ), Отто Люин (арбоби ҳаракати коргарии норвежӣ), Борис Пилняк (нависандаи маъруфи рус), Анна Берзин (журналист, ҳамсари Бруно Ясенский) сурат гирифтааст.

Ҳадафи аслии ин ҳайат омӯзишу пажӯҳиши Тоҷикистони шӯравӣ ва эҷоди асарҳо дар заминаи зиндагии иҷтимоиву маънавии тоҷикон будааст. Дар маҳсули эҷоди "бригадаи интернатсионалӣ" ҳаёти Тоҷикистони шӯравӣ бо рангҳои он замон ба таври густурда тарғиб шудааст.

Абдураҳим Ҳоҷибоев ба кори гурӯҳи адибони хориҷӣ диққати хоса дода ва ба раванди чусторҳои онҳо шароити хуб фароҳам овардааст. Ин маром барои сарвари тоҷикон муҳим буда, ки ҳаёти онзамонии халқи тоҷик дар қолаби шӯравӣ аз ҷониби адибони бурнмарзӣ хеле равшан ва бо тамоми зуҳуроташ таҷассум гардад ва дар хориҷи шӯравӣ ин халқ ба таври густурда шиноҳта шавад. Дар бораи тоҷикон тасаввури расо фароҳам ояд. Пол Вайян-Кутюрйэ ва дигар нависандагон бо сарварии маънавии Абдураҳим Ҳоҷибоев ба шаҳру деҳоти мухталифи ҷумҳурӣ сафар карда, аз зуҳуроти ҳаёти рангину гуногунпаҳнои тоҷикон ошно шуданд. Маҳсули навиштаҳои аҳли гурӯҳ баъдҳо дар шаҳрҳои Париж, Берлин, Вена, Прага, Ню-Йорк ба табъ расиданд.

Абдураҳим Ҳоҷибоев бо бештари ин ҳайат, аз ҷумла бо як узви соҳибноми он Пол Вайян-Кутюрйэ аҳди дӯстӣ кард ва нависандаи мумтози фаронсавӣ гоҳ дар Маскав ва гоҳ дар Сталинобод борҳо меҳмони хонаводаи ӯ гардид. Дар натиҷа дар бораи ин чеҳраи намоёни солҳои аввали бунёди кишвари мо очерке бо номи "Баҳори озодӣ" навишта ва дар очерки дигараш "Дар сарзамини Темурланг" низ Абдураҳим Ҳоҷибоев аз симоҳои меҳварист. Ин ду асар маҳсули фикри нависанда аз шинухез бо хонаводаи Ҳоҷибоев ва ошноӣ бо ҷаҳони розу ниёз ва пайкору ормонҳои сабзи ӯст, ки дар онҳо андешаи расои таъриҳдониву тоҷикистонсозии ин раҳбари тоҷикон ва мушкилоту дурнамои кишвари шӯравии Тоҷикистон дар солҳои 30-юми садаи бист пайваста гуфтугӯ шудааст.

Бештари бобҳои навиштаҳои адабиву публитсистии Пол Вайян-Кутюрйэ бозгӯи мухтавои суҳбати нигоранда бо ин чеҳраи намоёни сиёсии тоҷикон дар бораи рухдодҳо ва корнамоиҳои таърихии халқи тоҷик, иҳотаи тоҷикон дар таҳоҷуми сиёсии бегонагон, созмонҳои нави Сталинобод, муҳориба бо босмачиён (хусусан бо Иброҳим-бек), парвариши пахта, бунёди сарбанд ва низомҳои барқии Вахшу Варзоб, пиллапарварию абрешимбофӣ, алифбои лотинӣ ва ғайра аст.

Пол Вайян-Кутюрйэ ба таври вежа дар бораи Абдураҳим Ҳоҷибоев изҳори назар карда, симои аслии инсониву раҳбарии ӯро офарида ва дар тамоми навиштаҳои ӯ, ба гуфтаи пажӯҳишгари маъруф Александр Зиновевич Дун, андешаи нависанда аз боби озодбаёнӣ ва дастрасии ин шахсияти қавиирода ба халқи одӣ, малакаву қобилияти расову нотакрори гӯш доштану фаҳмидани ҳар як деҳқони одӣ чун хати сурх гузаштааст.

Яке аз қаҳрамонони асосии асар духтари Абдураҳим Ҳоҷибоев - Бароат аст, ки он ҳангом танҳо се сол доштааст. Асар бо таронаи гӯшнавози Бароати хурдсол оғоз ва анҷом меёбад, ки падар дар назди меҳмон хондани онро аз духтар хоҳиш намудааст: "Май пришел, деревья зеленеют"... - ин суруди Бароат дар назди Пол Вайян-Кутюрйэст. Тасвираш ҳам ҷолиб аст: Ҳоҷибоев ҳам дар ин ҳангом хониши духтарро бо навозиши роял раҳнамоӣ мекунад, баъдан ҳамсарашро ба омода кардани чойи сабз мехонад.

Ҳамин тавр, дар асар чеҳраи Абдураҳим Ҳоҷибоев баробари як нафар пешвари сиёсии кишвар чун мусиқори моҳир дар навозиши оҳанги марғуби пианино, симои ҳамсараш дар равуои байни меҳмонхонаву ошхона дар бар пероҳани сафеди дароз, табассуми малеҳу чеҳраи гарми онон бисёр равшан ва ҳунармандона тасвир шудаанд. Нависандаи фаронсавӣ нақли Ҳоҷибоевро оид ба таърихи тоҷикон, ниёгони бузург ва Тоҷикистони муосир ба таври хеле ҷолиб ва муассир бозменамоёнад. Баъди ин ҳамсари Ҳоҷибоев мегӯяд:

- Гуфтугӯ кифоя аст! Акнун чойи сабзи моро нӯшед, зардолуҳои моро чашед, онҳо аз воҳаи Хуҷанданд. Ту, Бароат, бори дигар сурудатро бихон!

Ва Бароати хурдакак шеъраке оид ба Тоҷикистони шӯравӣ мехонад ва сурудашро низ тараннум менамояд...

Дар китоб ҳамзамон тасвирҳои самимии хеле ҷолибу якдаст - акси рӯду кӯҳҳои сарбаланди Тоҷикистон, чеҳраҳои намоёни аҳли заҳмат ва роҳбарони сиёсие мисли Нусратуллоҳ Махсум ва Абдуллоҳ Раҳимбоев диққат мебаранд. Дар он нақшаи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ низ барҷаста таҷассум ёфтааст, ки ба ҳар бинандаву омӯзанда маводи ҷолиб медиҳад...

Субҳони АЪЗАМЗОД

Муҳсини Фараҳбар:

ҶОЙИ КИТОБҲОИ АЙНИВУ ЛОҲУТӢ ДАР ЭРОН ХОЛИСТ!



Дар шаҳри Теҳрон, пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон бо кӯшиши пажӯҳишгар Муҳсини Фараҳбар китоби “Номаҳои Абулқосим Лоҳутӣ ва Садриддин Айнӣ” ба чоп расид. Нашри китоби мазкур бо дабираи форсӣ (алифбои мукотибаи устодон Айниву Лоҳутӣ) дар Эрон падидаи фараҳбахши фарҳангист. Мо бо таҳиягари ин китоб суҳбате оростем, ки фишурдаи онро манзури шумо мегардонем.

- Суоли нахустинам ин аст, ки бо номи устодон Садриддин Айниву Абулқосим Лоҳутӣ аз кай ошно шудед?

- Банда бори аввал бо номи Абулқосим Лоҳутӣ ба воситаи суруди машҳури “Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, ай меҳан!” бо садои ҳунарманди бузурги эронӣ Муҳаммадризо Шаҷариён ошно шудам. Вақте донишҷӯйи риштаи улуми сиёсии Донишгоҳи Розии Кирмоншоҳ будам, дар маҳаллаи Барзадимоғ сокин шудам. Он маҳаллае буд, ки Абулқосим Лоҳутӣ дар он ҷо, дар хонаводаи шоир ва шахсияти мавриди эҳтироми сокинони шаҳр Мирзо Аҳмади Илҳомӣ таваллуд шудааст.

Солҳо сипарӣ шуданд.

Соли 2009 банда бори нахуст ба Тоҷикистон сафар кардам ва дӯстон маро ба Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ бурданд. Аз он замон шефтаи ин шахсият шудам. Вақте ба Эрон баргаштам, дар китобхонаи донишгоҳамон ҷустуҷӯ кардам ва китоби “Ёддоштҳо”-и устодро, ки тавассути равоншод Саидии Сирҷонӣ чоп шудааст, пайдо намудам. Аз мутолиаи ин китоб лаззат бурдам ва бештар ба шахсият ва эҷодиёти устод Айнӣ алоқа пайдо кардам. Вазъияти Бухоро дар замони амирони манғит, ки устод Айнӣ тасвир кардааст, ба вазъияти Эрон дар замони Қоҷор шабоҳат дорад. Соли 2019 ҳамчун корманди Сафорати Эрон ба Тоҷикистон омадам ва ин имкон дод, ки дар бораи Айнӣ бештар мутолиа кунам.

- Чаро маҳз мукотибаи Айниву Лоҳутӣ диққати шуморо ҷалб кард?

- Аз ибтидо равобити дӯстиву ҳамкории устод Айнӣ ва Лоҳутӣ бароям ҷолиб буд. Чун ин мавзуъро жарфтар омӯхтам, дарк кардам, ки ҷойи китоби номаҳои Айнӣ ва Лоҳутӣ дар Эрон холӣ аст. Чун номаҳои ин устодон барои пажӯҳишгарони таъриху адабиёт ва равобити фарҳангиву адабӣ бениҳоят муҳиму муфиданд. Ин китоб дар Тоҷикистон аз соли 1978 то 2023 бо хати сирилик борҳо чоп шудааст, вале бо алифбои форсӣ дастрас набуд.

- Шумо дар асоси кадом нашр номаҳоро таҳияву чоп кардед?

- Китоби мазкур бори аввал соли 1978 аз тарафи академик Хуршеда Отахонова бо дастгирии марҳум Муҳаммад Осимӣ чоп мешавад. Вале бо далели шароити замона номаҳо дучори сонсур шуда, бахшҳое аз он ҳазф мегарданд. Соли 2003 равоншод Отахонова ин китобро мучаддадан нашр мекунанд ва номаҳои ҳазфшударо то ҷое барқарор менамоянд. Соли 2023 мактубҳои устод Айнӣ бо кӯшиши Анзурати Маликзод ва Гулнор Усмонова нашр шуд. Ин нашри комилтарини номаҳо аст. Ман корамро аз рӯйи нашри нахустин, яъне чопи соли 1978 анҷом додам ва аз ҳамаи нашрҳои баъдӣ низ истифода кардам. Вале мабнои кори ман бар асоси асли дастхатҳоест, ки дар бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва Осорхонаи Садриддин Айнӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Аз фурсат истифода карда, аз директори институт, доктор Фарангис Шарифзода ва роҳбари Бунёди адабии Айнӣ Эраҷ Айнӣ сипосгузорам, то имкон фароҳам оварданд, ки бо дастхатҳо кор кунам.





- Дар бораи вежагиҳои “Номаҳои Абулқосим Лоҳутӣ ва Садриддин Айнӣ”, ки дар Теҳрон нашр шуд, ба хонандаи тоҷикистонӣ чанд ҳарф бигӯед.

- Китоби “Номаҳо...” шомили 91 нома ва телеграф аст. Банда зимни таҳияи номаҳо кӯшиш кардам, ки бо муқоисаи нашрҳо ва мурочиа ба асли номаҳо ғалатҳоеро, ки дар чопҳои қаблӣ роҳ ёфтааст, ислоҳ намоям. Тасҳеҳоти хешро дар поварақ овардам. Ҳамчунин, бо хоҳиши банда бузургони илму адаби Эрону Тоҷикистон, аз қабили устодон Абдухолиқи Набавӣ, Абдунабӣ Сатторзода, Матлубаи Мирзоюнус, Кова Баёт ва Масъуди Ирфониён дар мавриди арзиши адабиётшиносӣ ва забоншиносии номаҳо мақола навиштанд, ки ҳамчун сарсухан вориди китоб шудааст. Илова бар ин, як мақолаи ҳамсари устод Лоҳутӣ Ситсилия Бонуро тахти унвони “Дӯстии ду устод” аз Китобхонаи миллии Тоҷикистон пайдо кардам, ки шомили ин китоб шуд. Як муқаддимаи муфассал ҳам аз ман дар ин китоб ҷой гирифтааст, ки дар он кӯшидам, ки ҳаёт ва фаъолияти ҳар ду устодро ба таври мухтасар муаррифӣ намоям. Ба ҳамин хотир ҳам ба ҳар ду устод ба таври баробар ҳурмат гузоштам ва ҳар ду устодро ба ҳайси ду шахсияти бузурги илму адаби Эрон муаррифӣ намудам.

- Номаҳои Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ барои эрониён чӣ аҳамият доранд?

- Лоҳутиву Айнӣ натанҳо нависандаву шоир буданд, балки дар қуллаи илму фарҳанги навини тоҷикии форсӣ меистоданд ва худро низ дар ин замина масъул медонистанд. Дар номаҳо ба мизони аҳамияти масоили адабӣ, ҳамчунин, доираи дониши адабӣ, идрок ва равандшиносии ду шахсият пай мебарем. Муҳимтарин мавзуҳое, ки дар ин номаҳо соҳибаи вежаи рӯзноманигори тоҷик Бурҳон Салмон бо Камол Айнӣ дар мавриди робитаи Айниву Лоҳутӣ ва нақши Лоҳутӣ дар нашъат додани Айнӣ аз тавтеаи солҳои 30-юм низ ба ин китоб шомил гардиданд. Ба ҷуз аз бартараф кардани ғалатҳои қаблӣ, вожагони барои эрониён душворро тавзеҳ, воқеаҳои таърихиро шарҳ додам, ҳамаи ашхосеро, ки дар ин номаҳо зикр мешаванд, бо шарҳи мухтасар муаррифӣ намудам ва гоҳшумори комили зиндагиномаи устодон Айниву Лоҳутиро таҳия кардам. Як бахши дигари китоб иборат аз аксҳоест, ки аз Лайло Лоҳутӣ, Заур Дахте ва Эраҷ Айнӣ ба даст овардам, ки баъзе то кунун нашр нашудаанд.

- Барои шинохти бештари устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ дар Эрон чӣ корҳое бояд сурат бигиранд?

- Барои шинохти бештари устодон Лоҳутӣ ва Айнӣ дар ибтидо кумак кунем, ки ин китоб ба дасти алоқамандони эрониву тоҷики ин ду шахсият бирасад. Китоб дар ихтиёри китобхонаҳо, донишгоҳҳо ва марокизи пажӯҳишӣ дар Эрону Тоҷикистон бошад ва муҳтавои ин номаҳо мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор бигирад.

Бахши умдаи осори устод Садриддин Айнӣ дар Эрон чоп шудааст. Китоби “Одина” - аввалин достони адабиёти навини матраҳ шуда, барои хонандаи эронӣ ва ҳам тоҷик ҷолиб аст, иборатанд аз масъалаҳои ҳаёти адабӣ ва вазъи адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ; масоили вобаста ба таърихи адабиёт ва равобити илмиву адабӣ миёни намояндагони адабиёти форсизабон; масъалаҳои забон, луғатнависӣ, истилоҳот, тозагӣ ва чигунагии забони муосири форсӣ-тоҷикӣ; таваҷҷуҳ ба таълифоти ҳамдигар, тақвият ва дастгирӣ дар ҷустуҷуҳои ҳунарӣ; ҷойгоҳи ҳар ду дар таъсиси иттифоқи нависандагон; ташкили корҳои адабии Тоҷикистон, даҳаи адабиёт ва фарҳанги тоҷик дар Маскав ва ғайра. Аз мутолиаи номаҳо бармеояд, ки ҳар ду бузургон худро масъули хидмат ба қисмати адабии Тоҷикистон медонистанд, ғамхори вазъи зиндагӣ, саломатӣ, ҳолати иҷтимоии рӯзгори якдигар буданд ва хешро масъул дар сарнавишти ҳамдигар медонистанд, махсусан, дар даҳаҳои 20-30. Робитаи бародарона ва хонаводагӣ, муҳаббат ба фарзандони якдигар, ки ин устодон доштанд, дар воқеъ бисёр панодмӯз аст.

- Барои шинохти бештари устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ дар Эрон чӣ корҳое бояд сурат бигиранд?

- Барои шинохти бештари устодон Лоҳутӣ ва Айнӣ дар ибтидо кумак кунем, ки ин китоб ба дасти алоқамандони эрониву тоҷики ин ду шахсият бирасад. Китоб дар ихтиёри китобхонаҳо, донишгоҳҳо ва марокизи пажӯҳишӣ дар Эрону Тоҷикистон бошад ва муҳтавои ин номаҳо мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор бигирад.

Бахши умдаи осори устод Садриддин Айнӣ дар Эрон чоп шудааст. Китоби “Одина” - аввалин достони адабиёти навини тоҷикро банда тасҳеҳ кардам ва тавассути як ноширии бузурги эронӣ ба зудӣ чоп хоҳад шуд. Иншоолоҳ дар оянда “Ятим”-ро ҳам мунташир хоҳам кард. Пажӯҳишгар Мустафо Бобохонӣ “Ёддоштҳо”-ро аз нав тасҳеҳ кард ва рӯзҳои наздик чопи нави он равонаи бозор хоҳад шуд.

Вале ин ҳанӯз кам аст. Осори дар Эрон чопнашудаи устод Айниро бояд дар Эрон нашр кард. Аз ҷумла, “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”, таҳқиқоташ дар мавриди Бедил, Камоли Хуҷандӣ, Мир Алишери Навоӣ, Саъдии Шерозӣ ва ғайра дар сурати ҷудогона бо шарҳу тафсир бояд дар Эрон чоп шавад.

Ҳамчунин, ҷойи чанд китоби устод Лоҳутӣ дар Эрон холист, аз ҷумла “Куллиёт”-и 7-ҷилда, ки тавассути Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ нашр шудааст, бояд ба хати форсӣ низ чоп шавад. Ҳамчунин ашъори ошиқона ва ватании Лоҳутӣ, аз қабили “Эроннома”, “Наврӯзнома” ва “Лаолӣ”, ки дар Туркия чоп шуда буд, ба сурати маҷмӯа дастраси хонандагони эронӣ бояд шавад.

Мавриди зикр аст, ки куллиёти номаҳои Айнӣ низ дар Эрон ҷояш холӣ аст. Банда азм дорам, ки ин китобро чоп кунам. “Куллиёт”-и номаҳои Лоҳутиро ҳам, банда алакай хатгардонӣ кардам ва умедворам то поёни соли равон ба дасти хонанда расад.

- Шумо ин ҳама бо ҳарорат дар бораи устодон Айниву Лоҳутӣ суҳбат мекунед...

- Зеро барои банда Лоҳутӣ ва Айнӣ намоди равобити Эрону Тоҷикистонанд, ки фарҳанги муштарак, забони муштарак, таърихи муштарак, устураҳои муштарак моро пайванд додаанд ва он ногусастанист. Ин ду шахсият ҳамвора дар зеҳни тоҷикон ҷойгоҳи воло доранд. Эшон дар ҳифз ва густариши забони форсӣ нақши вофир доштанд, махсусан, дар даврони сахти шӯравӣ. Банда хушбахтам, ки гоми кӯчаке дар муаррифии хадамоти бузурги ин ду шахсият дар Эрон бардоштам.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

НАРХ ГАРОН НЕСТ, МО ПУЛ НАДОРЕМ...

Шуруъ аз ибтидои моҳи август дар саросари ҷумҳурӣ ярмаркаҳои либос ва лавозимоти мактабӣ эълон гардида, то поёни моҳ давом мекунанд. Мақсад аз баргузории ярмаркаҳо бо нархи дастрас пешниҳод кардани либос ва лавозимоти мактабӣ арзёбӣ мешавад.



Мо ба чанд нуқтаи фурӯши либос ва лавозимоти мактабӣ дар пойтахт сар задем, то бубинем, ки нархҳо барои волидайн дастрасанд ё не.

Аввал ба Маркази савдои “Садбарг” рафтем. Дар қатори дигар маконҳои шаҳр имсол дар ин ҷо ярмаркаи лавозимоти мактабӣ ташкил шудааст, аммо дар “Садбарг” фақат лавозимоти хониш ба фурӯш гузошта шудааст халос. Либоси мактабӣ дар ин ҷо (ба истиснои мағозаҳои алоҳида) нест.

Сокинони шаҳр мегӯянд, ки нархи либосу лавозимоти мактабӣ дар бозорҳои “Меҳргон”, “Саховат” (МС “Ганҷина”) ва “Корвон” арзонтар аст. Бинобар ин, аз ин се ярмаркаи бузург низ дидан кардем.

Дар “Меҳргон” нархи шиму костюм назар ба “Корвон” андак гаронтар аст. «Сифаташ низ фарқ мекунад. Шояд дар “Корвон” маҳсулоти ба табъи дилро пайдо карда нашавад, новобаста ба он, ки мол зиёд аст. Аммо мо қариб тамоми моделҳои шиму костюмро дорем»,- мегӯяд яке аз фурӯшандагони бозори “Меҳргон”.

“Мо қариб ҳар сол барои харидории сарулибоси мактабӣ ба “Корвон”-у “Саховат” меоем. Ин ҷо ҳам лавозимоти мактабӣ муҳайё аст, ҳам метавон бо нархи дастрас харидорӣ кард“,- мегӯяд модари ду фарзанд бо номи Амина, ки аз шаҳри Турсунзода ба ин ҷо омадааст.

“Нархҳо гарон нестанд, вале мо пул надорем”,- мегӯяд Сарвар ном сокини 36-солаи шаҳри Душанбе, ки шавҳараш 6 моҳ пеш аз Русия депорт шудаасту 3 фарзанди мактабхон дорад.

“Аз 800 то 1000 сомонӣ лозим аст, ки як кӯдакро ба мактаб фиристем. Албатта, дар шароити имрӯз ин пули зиёд нест, вале барои оилаи мо душвор аст. Ман 8 набераамро ба мактаб бояд фиристам. Ду писарам дар Русия. Мегӯянд, ки шароити корашон душвортар шудааст. Мисли пештара пул фиристода наметавонанд. Беш аз 10 ҳазор сомонӣ лозим аст, ки кӯдаконро ба мактаб тайёр кунем”,- мегӯяд Зуҳрохола, ки бо набераҳояш дар бозори “Корвон” бо мо суҳбат кард.

Зиндагии аксари хонаводаҳои кишвар аз ҳисоби муҳоҷирон мечархад. Вале тавре маълум аст, феълан шароити муҳоҷирони меҳнатӣ дар Русия хуб нест. Тоҷирон низ мегӯянд, ки мардум чун солҳои пеш имкони васеъи харидориро надоранд ва бисёр сарфакоранд...

Дар баробари ярмаркаҳо мағозаҳое низ дар пойтахт ҳастанд, ки барои либоси мактабӣ тахфиф эълон кардаанд. Дар бархе аз ин мағозаҳо нархи сарулибос 300-400 сомониро ташкил медиҳад, вале харидорон мегӯянд, ки сифати либосҳои тахфифӣ на ҳамеша қобили қабул аст.

Нархи либос ва лавозимоти мактабиро дар инфографика нишон додем.

Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ,
махсус барои “Тоҷикистон”



“A TAJIK GIRL”

Нашри китоб дар бораи духтари тоҷик дар Амрико

Дар Амрико китобе нашр шуд, ки “A Tajik Girl” (духтари тоҷик) ном дорад ва қаҳрамони он Шаҳло Абдураҳмонова ном тоҷикдухтар аст. Муаллифи китоб Марк Тилчен мебошад.



Қаҳрамони ин китоб, яъне Шаҳло соли 2007 тариқи барномаи грантии ИМА барои хатмкунандагони мактаби миёна - FLEX барои таҳсил ба ин кишвар рафт. Шаҳлоро оилаи пиронсоли Марк ва Кристи Тилченҳо аз Иёлоти Калифорния ба фарзандхондӣ қабул карданд.

Тилченҳо аз рӯзҳои аввал ба Шаҳло унс гирифтанд. Падархонди амрикоиаш Марк Тилчен ҳар кори ба назараш ҷолиб намудаи Шаҳлоро дар дафтарчаи ҳамроҳаш навишта мегирифт. Ҳатто акси ин тоҷикдухтар ҳамеша дар ҳамёни ӯ буд.

Соли 2021, баъд аз сездаҳ соли баргаштани Шаҳло аз ИМА, Марк Тилчен асари худро бо номи “A Tajik Girl” (духтари тоҷик) нашр кард. Дар муқоваи китоб ҳамон аксеро гузошт, ки солҳо боз дар ҳамёнаш нигоҳ медорад.

Қаҳрамони асосии асар Шаҳло буда, муаллиф бо василаи нақл аз кору рафтори яксолаи духтари тоҷик дар хонаи ӯ ва маълумотҳои аз ӯ гирифтааш дар бораи тоҷикон, кӯшиш намудааст, ки фарҳангу одатҳои тоҷикону мардуми Тоҷикистонро инъикос намояд. Китоби “A Tajik Girl” ҳоло дар сомонаи тиҷоратии “Amazon” дар фурӯш аст.

Феълан Шаҳло бо ҳамсараш Зокир дар Қатар зиндагӣ мекунанд ва ба фаъолияти омӯзгорӣ машғуланд.

“Мо бо оилаи Тилченҳо то имрӯз дар тамос ҳастем. Ҷаноби Марк мегӯяд, ки акси ту то ҳол дар ҳамёнам, дохили кисаи болои дилам аст”,- мегӯяд Шаҳло.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ ОСИЁ-2


ҲАРИФОНИ “ИСТИҚЛОЛ” ВА “РАВШАН” МАЪЛУМ ШУДАНД

Дар Куала-Лумпур маросими қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои КФО-2024/25 баргузор шуд, ки дар он ҳарифони бошгоҳҳои Тоҷикистон - «Истиқлол»-и Душанбе ва «Равшан»-и Кӯлоб маълум шуданд.

Дар натиҷаи қуръакашӣ «Истиқлол», ки чемпиони феълии Чемпионати Тоҷикистон аст, шомили гурӯҳи «С» шуд. Рақибони бошгоҳи шаҳри Душанбе дастаҳои «Сипоҳон» (Эрон), «Шарҷа» (АМА) ва «Ал-Вахдат» (Урдун) гардиданд.

«Равшан»-и Кӯлоб, ки барандаи медали нуқраи чемпионати Тоҷикистон-2023 аст, дар гурӯҳи «А» бо дастаҳои «Ал-Вакра» (Қатар), «Трактор» (Эрон) ва «Моҳун Баган» (Ҳиндустон) бозӣ мекунад.

Бар асоси натоиҷи марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои КФО-2024/25 ду дастаи беҳтарин аз ҳар гурӯҳ ба даври баъдӣ роҳ меёбанд.



ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

НИМАИ ДУЮМИ МАВСИМ БО БОЗИҲОИ ДАВРИ 13 ВА 14 ШУРУЪ ШУД

Бозиҳои даври 13 ва 14-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2024 байни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд, ки оғози нимаи дуюми мавсими футбол ба шумор мераванд.



Пешсафи чемпионат «Истиқлол»-и Душанбе дар Лигаи олӣ чордаҳ пирӯзӣ ба даст оварда, бо 42 имтиёз дар садри ҷадвал қарор дорад. “Истиқлол” дар меҳмонӣ дастаи “Вахш”-ро бо ҳисоби 1:0 ва дар майдони нави худ дар дараи Алмосӣ дастаи “Кӯктош”-ро бо ҳисоби 2:0 мағлуб кард.

Дастаи “Баркчӣ” тавонист, ки ду пирӯзии муҳимро дар ин мавсим ба даст орад. Ҳисориҳо дастаҳои “Истаравшан” ва “Вахш”-ро бо ҳисоби якхела 1:0 ном карданд.

“Регар-ТадАЗ” ба дарвозаи “Кӯктош” се голи бечавоб зад ва “Хуҷанд”-ро бо ҳисоби 2:1 мағлуб кард.

“Ҳосилот” дар майдони худ аз “Хуҷанд бо ҳисоби 0:1 ва дар сафар аз “Эсхата” ноком (1:3) шуд.

КМВА дар ду бозии охирини худ дар Лигаи олӣ дарвозаи рақибро рахна карда наметавонад. Ин навбат артишиҳо бо “Эсхата” бозияшонро мусовӣ (0:0) анҷом доданд.

Дастаи «Панҷшер» нимаи дуюми мавсимро бо мусовӣ оғоз кард. Бозиҳо бо “Равшан” бо натиҷаи 1:1 ва бо “Истаравшан” бо ҳисоби 0:0 ба охир расиданд. «Равшан» дар бозии даври 14-ум дар майдони хонагӣ бар КМВА бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд.

ФУТБОЛ

АРЗИШИ КЛУБҲОИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР TRANSFERMARKT

Портали Transfermarkt рӯйхати клубҳои гаронарзиштарини футболи ҷаҳонро нав кард. Дастаҳо аз рӯи инфрасохтор, таркиб ва вазъи тиҷоратӣ дар бозори варзиш баҳогузорӣ карда шуданд.

Ҷойи аввалро тими “Реал Мадрид” (Испания) ишғол кард, ки арзиши он ба ҳисоби коршиносон 1,35 миллиард евро аст. Ҷойи дуюмро «Манчестер Сити» (Англия) гирифт, ки арзиши он 1,32 миллиард евро аст. Зинаи сеюмро «Арсенал» (Англия) бо 1,17 миллиард евро аз худ кардааст.

Лигаи олии Тоҷикистон дар маҷмуъ арзон шуд. Ҳоло арзиши он 10,68 миллион аст (қаблан нархаш 18,38 миллион буд). Ин маблағи умумии бошгоҳҳост, вале бидуни «Кӯктош» ва «Панҷшер», ки Transfermarkt то ҳол онҳоро арзёбӣ накардааст.

Имрӯз гаронтарин дастаи Тоҷикистон «Истиқлол» боқӣ мемонад - 6,13 миллион евро (қаблан арзиши клуб 4,40 миллион буд). «Равшан» ба зинаи дуюм баромад - 1,48 миллион евро (қаблан 775 ҳазор арзиш дошт). Дар ҷойи сеюм «Вахш», ки 775 ҳазор евро (қаблан 1,25 миллион) мебошад.

Дар феҳрист КМВА-и пойтахт ва «Ҳосилот»-и Фархор бо 425 ҳазор (қаблан мутаносибан 1,53 миллион ва 1,69 миллион) чорум ҳастанд. Панҷгонаи авваларо «Хуҷанд» аз рӯи арзиши 400 ҳазор (қаблан 2,63 миллион) пур кардааст.

Дар ҷойи шашум «Баркчӣ» - 375 ҳазор (қаблан - бидуни баҳо), дар ҷойи ҳафтум «Эсхата» - 325 ҳазор (қаблан 1,25 миллион) мебошанд. Дар ҷойи ҳаштум «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзала - 200 ҳазор (қаблан 2 миллиону 400 ҳазор) ва баъдан «Истаравшан» бо 150 ҳазор евро қарор доранд.

ГӮШТӢ

ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОНИИ «ГӮШТИНГИРӢ» ДАР ДУШАНБЕ



Аввалин Чемпионати ҷаҳонии куштии миллии тоҷикии «Гӯштингирӣ» дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад.

Дар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе нахустин Чемпионати ҷаҳонии куштии миллии тоҷикии “Гӯштингирӣ” рӯзҳои 30 ва 31-уми август дар пойтахти Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар он зиёда аз 200 варзишгар аз 60 кишвари ҷаҳон иштирок хоҳанд кард.

Рақобатҳо дар 9 категорияи вазн - 3 категория барои занон ва 6 категория барои мардон баргузор мегарданд. Фонди ҷоизавии мусобиқа 400 ҳазор доллар аст.

РЕЗААХБОР

Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати ҷаҳонии қаиқронӣ ва каноэ, ки аз 23 то 25-уми август дар шаҳри Самарқанд (Ӯзбекистон) баргузор мешавад, ширкат хоҳанд кард. Чемпионат дар ягона канали қаиқронӣ дар Осиёи Марказӣ баргузор мешавад. Варзишгарон дар масофаҳои ғайриолимпӣ рақобат карда, соҳиби медал мешаванд. 20 маҷмуи мукофот (10 дар қаиқронӣ ва 10 дар каноэ) гузошта мешавад.

***

Дар Абу-Забӣ (АМА) дар доираи ҷашнвораи байналмилалии шатранҷ мусобиқаи Open FIDE дар рейтинги блитс бо ҷоизаи умумии чор ҳазор доллар баргузор шуд. Устоди шатранҷ аз Тоҷикистон Фаррух Амонатов дар 11 давр 9,5 хол гирифта, ҷойи 1-умро гирифт. Намояндаи Италия Лоренсо Лодичи ҳамин миқдор хол ба даст оварда, аммо Амонатов аз рӯи нишондодҳои иловагӣ ғолиб омад. Дар ин мусобиқа боз се шатранҷбози тоҷик низ ширкат карданд, вале онҳо дар ҷамъбасти мусобиқот дар сафи пешсафон набуданд.

***

Мураббии маъруфи тоҷик Муҳаммадҷон Ҳабибуллоев моҳи декабри соли 2021 аз вазифаи мураббии тими «Истаравшан» истеъфо дод ва дар Русия кор пайдо кард. Ӯ дар Самара буд ва ба ҳайси мураббӣ дар як мактаби маҳаллӣ кор мекард ва ҳамчунин тими ҷавонони «Финикс»-ро раҳбарӣ мекард. Баъди чанд сол Муҳаммадҷон Ҳабибуллоев ба Тоҷикистон баргашт. Ӯ мураббии дастаи «Сардор» (Турсунзода) дар Лигаи якум шуд.

***

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба Ҷоми ҷаҳон-2024 барои анҷоми ҷамъомади таълимиву тамринӣ ба шаҳри Остона рафт. Сармураббии тими миллии футзали Тоҷикистон Пайрав Воҳидов ба ин ҷамъомад 16 бозигар - 3 дарвозабон ва 13 бозигари майдонро даъват кардааст. Дастаи Тоҷикистон рӯзҳои 22 ва 24-уми август бо футзалбозони Қазоқистон бозиҳои санҷишӣ баргузор мекунад.

“ҶИН”-И ВАҲДАТ БОЗДОШТ ШУД

Навори “боздошти ҷин” дар Ваҳдат дар шабакаҳои иҷтимоӣ саруссадои зиёд ба по кард. Муаллифони видео бар онанд, ки “ҷин” 3 шаҳрванди Тоҷикистон Ибодулло Муҳиддинов ном дошта, ба "озор ва азияти завҷаи собиқаш" муттаҳам дониста мешавад.

Радиои “Озодӣ” дар такя ба манобеаш менависад, ки Ибодулло Муҳиддинов аз 27-уми март то 17-уми майи соли 2024 “дар худрави завҷаи собиқаш ҳафт AirTag насб карда, гаштугузори ӯро пинҳонӣ аз телефони мобилияш назорат дошт”. AirTag як таҷҳизоти хурди тугмамонанди сохти Apple аст, ки барои таъқиб истифода мешавад. Гуфта мешавад, ки рашк сабаби чунин рафтори Муҳиддинов шудааст.



Тафтишот аз зани собиқи Ибодулло С. К. ном бурдаасту халос. Дигар маълумоте дар бораи ӯ дастрас нест. Фақат гуфта мешавад, ки Муҳиддинов ҳамсари собиқашро тариқи Мексика ба ИМА овардааст.

“Бо ҳадафи назорати гаштугузори завҷааш дар чанд қисматҳои мошини ӯ AirTag-ҳоро насб кардааст. Рӯзи 27-уми март завҷаи собиқи ӯ С. К. яке аз ин тугмаҳоро ёфта, ба маъмурони Бюрои тафтишоти федеролӣ - FBI аз таъқиб шудани худ аз ҷониби ҳамсари собиқаш хабар медиҳад”,- гуфтаанд муфаттишон.

Пас аз ин, маъмурони FBI амалкарди Муҳиддиновро зери назорат мегиранд ва рӯзи 17-уми май ӯро боздошт кардаанд. Пас аз кофтукоб, дар телефони ӯ захирае пайдо шуд, ки “дар он ҳудуди 140 акс ва видеои маҳрамонаи ҳамсари собиқаш нигоҳ дошта мешуд”.

Манбаъ менависад, ки Ибодулло Муҳиддинов ба ҷурми “таъқиб” (stalking) гумонбар аст ва ба ӯ то 5 сол зиндон ва 250 ҳазор доллар ҷарима таҳдид мекунад.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки муфаттишон ҳамзамон ӯро узви як шабакаи русии қочоқи инсон номбар кардаанд, ки “ба манобеи бузурги молиявӣ дастрасӣ дорад ва бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ алоқаманд аст". Дар ҷараёни тафтишот маълум шудааст, ки дар ҳафт моҳи соли 2022 ба суратҳисоби бонкии Муҳиддинов ба маблағи беш аз 2,3 миллион доллар ворид шудааст. Як ҳисоби бонкии дигари ӯ дар се моҳи соли 2023 тақрибан 2,2 миллион доллар муомилот доштааст.

СУДИ МАРДИ ТОҶИК ДАР ИМА

Суди Иёлоти Пенсилвания ба баррасии парвандаи як шаҳрванди Тоҷикистон оғоз кардааст. Ин шаҳрванди Тоҷикистон Ибодулло Муҳиддинов ном дошта, ба "озор ва азияти завҷаи собиқаш" муттаҳам дониста мешавад.



Тафтишот аз зани собиқи Ибодулло С. К. ном бурдаасту халос. Дигар маълумоте дар бораи ӯ дастрас нест. Фақат гуфта мешавад, ки Муҳиддинов ҳамсари собиқашро тариқи Мексика ба ИМА овардааст.

“Бо ҳадафи назорати гаштугузори завҷааш дар чанд қисматҳои мошини ӯ AirTag-ҳоро насб кардааст. Рӯзи 27-уми март завҷаи собиқи ӯ С. К. яке аз ин тугмаҳоро ёфта, ба маъмурони Бюрои тафтишоти федеролӣ - FBI аз таъқиб шудани худ аз ҷониби ҳамсари собиқаш хабар медиҳад”,- гуфтаанд муфаттишон.

Пас аз ин, маъмурони FBI амалкарди Муҳиддиновро зери назорат мегиранд ва рӯзи 17-уми май ӯро боздошт кардаанд. Пас аз кофтукоб, дар телефони ӯ захирае пайдо шуд, ки “дар он ҳудуди 140 акс ва видеои маҳрамонаи ҳамсари собиқаш нигоҳ дошта мешуд”.

Манбаъ менависад, ки Ибодулло Муҳиддинов ба ҷурми “таъқиб” (stalking) гумонбар аст ва ба ӯ то 5 сол зиндон ва 250 ҳазор доллар ҷарима таҳдид мекунад.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки муфаттишон ҳамзамон ӯро узви як шабакаи русии қочоқи инсон номбар кардаанд, ки “ба манобеи бузурги молиявӣ дастрасӣ дорад ва бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ алоқаманд аст". Дар ҷараёни тафтишот маълум шудааст, ки дар ҳафт моҳи соли 2022 ба суратҳисоби бонкии Муҳиддинов ба маблағи беш аз 2,3 миллион доллар ворид шудааст. Як ҳисоби бонкии дигари ӯ дар се моҳи соли 2023 тақрибан 2,2 миллион доллар муомилот доштааст.

ТОҶИКОН АЗ АСОРАТ ДАР ЭРОН ОЗОД ШУДАНД

Ҳафтаи гузашта чор шаҳрванди Тоҷикистонро аз дасти гаравгонгирҳо дар Эрон озод кардаанд. Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон рӯзи 15-уми август аз онҳо Абдураҳмонов Х., Бозоров А., Назаров Ҳ., Ғайратзода А. Н. ном бурд.

Ба иттилои манбаъ, "гурӯҳҳои муташаккили чиноӣ" ин афродро "бо баҳонаи гирифтани раводиди Амрико бо роҳҳои қаллобии интернетӣ ба Ҷумҳурии Исломӣ бурда, дар Теҳрон бо ҳадафи ба даст овардани пули калон ба гарав гирифта буданд".

Мақомот санаи ба Эрон рафтани чор нафар ва чанд вақт гаравгон будани онҳоро нагуфтаанд. Назари хешовандонашон низ дастрас нест.



Алӣ Валипур Гударзӣ, раиси шуъбаи тафтишотии пулиси Теҳрон рӯзи 15-уми август ба хабаргузории расмии ИРНА гуфт, ки шаҳрвандони Тоҷикистон хостаанд аз кумаки "қочоқчиёни инсон" дар Эрон истифода кунанд.

Ба гуфтаи ӯ, тоҷикон ният доштаанд ғайриқонунӣ вориди кишварҳои аврупоӣ шуда, ба Амрико муҳоҷират кунанд. Гударзӣ гуфт, ки дар ин ҳодиса панҷ нафар боздошт шуда, ду ҳамлагар дар ҷойи ҳодиса кушта шудаанд.




Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон аз ошкор шудани ҳолати тасарруфи маблағҳои буҷавӣ дар ҶСК «Заводи таъмири механикӣ»-и шаҳри Ваҳдат ба маблағи қариб 7,6 миллион сомонӣ, ё наздики 700 ҳазор доллари Амрико хабар дод.

Агентӣ гуфт, ки ин маблағи бузургро аз корхона раиси он Ғуломов С. Р. худ ба яғмо бурдааст. Ғуломов “дар асоси маслиҳати пешакӣ бо роҳбарони ширкатҳои тиҷоратӣ давоми солҳои 2021-2023 дар якчанд ҳолат бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ҷамъ маблағи 7 миллиону 580 ҳазору 328 сомонии барои харидории дастгоҳу таҷҳизотҳои гуногун”-ро тасарруф кардааст.



Суди Басманнийи Маскав муҳлати ҳабси пешакии чаҳор гумонбари дигари ҳамлаи террористӣ ба толори консертии “Крокус Сити Ҳол”-и Маскавро дубора барои 3 моҳ дароз кард.

Ҳамакнун, мувофиқи қарори додгоҳ Лутфуллои Назримад, Қурбонов Ҷумъахон, Яъқубҷон Юсуфзода ва Муҳаммад Шарифзода то 22-юми ноябри соли 2024 дар ҳабси пешакӣ хоҳанд буд. Дар ин бора саҳифаи телеграми судҳои шаҳри Маскав хабар медиҳад.



Суди Маскав шаҳрванди Тоҷикистон Муҳаммадрачаб Иброҳимович Ёровро бо ҷурми “таблиғоти динӣ”, дақиқтараш барои ташкил ва имоматии намози иди Қурбон бо иштироки то 1000 нафар дар бозори “Люблино” ҷарима ва аз Русия ихроҷ кардааст.

Ҳукми суд алакай аз 3-юми август қувваи қонунӣ гирифтааст. Гуфта мешавад, ки Ёров, ҳаммоли Маркази савдову ярмаркаҳои “Москва”, ки бо номи бозори “Люблино” маъруф аст, субҳи барвақти 16-уми июни соли 2024, соати 06:00 “дар суроғаи шаҳри Маскав, кӯчаи Краснодарская, бинои №66, иморати №2 маросими намозро ташкил ва худаш ҳам дар он иштирок кардааст”.

ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ

RSM

ООО "РСМ ТОҶИКИСТОН"
Исх. № 361/24
"18" июля 2024 с.

RSM Tajikistan
Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
T +992 (44) 6006370
rsm.tj

ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳмдорон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти Саҳомии Кушодаи «Ориёнбонк»:

Ақида

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи Ҷамъияти Саҳомии Кушодаи «Ориёнбонк»-ро (минбаъд «Бонк»), ки иборат аз ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023, ҳисобот оид ба даромади умумӣ, ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, инчунин эзоҳҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгирӣ, мебошанд гузаронидем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда вазъияти молиявии Бонкро дар ҳама ҷанбаҳои назаррас ба санаи 31 декабри соли 2023, инчунин натиҷаҳои молиявии онро ва гардиши воситаҳои пулиро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд «СБҲМ»), ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

Асос барои ақида

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд «СБА») ба анҷом расонидем. Ӯҳдадории мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар, дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» дар хулосаи аудитории мо тавсиф карда мешаванд. Мо нисбат ба Бонк мустақил буда, мутобиқи кодекси Байналмилалии ахлоқии муҳосиботҳои касбӣ ва Шурои стандартҳои байналмилалии ахлоқии муҳосибҳо («Кодекс») ва талаботҳои ахлоқӣ, ки барои аудити ҳисоботи молиявӣ мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда аст, инчунин ӯҳдадориҳои дигари ахлоқии худро мутобиқи талаботҳои мазкур иҷро намудем. Ба хулосаи мо, он далелҳои аудиторие, ки аз тарафи мо ба даст оварда шудаанд, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва дуруст мебошанд.

Масъалаҳои асосии аудит

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки мутобиқи муҳокимаи касбии мо, барои аудити ҳисоботи молиявии барои соли ҷорӣ бештар муҳиманд. Ин масъалаҳо дар ҳудуди аудити ҳисоботи молиявӣ мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисоботи молиявӣ баррасӣ гардида буд ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

Пасандозҳои мизоҷон

Роҳбарияти Бонк пасандозҳоро аз шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ҷалб мекунад. Пасандозҳо ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дар асоси шартномаҳои басташуда бо кредиторон дар асоси кӯтоҳмуддат бо тамдиди минбаъда ҷалб карда мешаванд.

Мо ба ин масъалаҳо бо сабаби тағйироти назарраси ин модда нисбат ба соли гузашта диққати махсус медиҳем. Дар санаи 31 декабри солҳои 2023 ва 2022 маблағи сандуқи амонатӣ 2,396,177 ҳазор сомонӣ ва 1,841,487 ҳазор сомониро ташкил дод. Сохтор ва нигоҳдории ҳар як амонат аз Бонк арзёбии созишномаҳои шартномавӣ ва таъсири онҳоро ба баҳисобгирии амонатҳо талаб мекунад

Аз ҷониби мо расмиётҳои зерин гузаронида шуданд:
- мо созишномаҳои басташударо барои арзёбӣ ва муайян кардани тартиби дурусти инъикоси созишнома тибқи талаботи СБҲМ баррасӣ ва таҳлил кардем;
- мо расмиётҳои санҷиши пуррагӣ ва дақиқии ӯҳдадориҳои дар ҳисоботи молияви ва натиҷаҳо, аз ҷумла арзёбиро мутобиқи СБҲМ анҷом додем.

Аз ҷониби мо, расмиётҳои таҳлили шартномаҳо, омӯзиши системаи назорати дохилӣ оид ба ин пасандозҳо гузаронида шуданд, инчунин дар асоси интихобӣ тартиби ҳисобкунии пасандозҳо ва фоизҳо аз рӯи онҳо гузаронида шудааст.

Эзоҳ 24 «Амонатҳои мизоҷон» маълумоти муфассалро оид ба пасандозҳо дар бар мегирад

Қарзҳо ва облигацияхои пардохтшаванда

Роҳбарияти Бонк маблағҳои муштариёнро аз шахсони ҳуқуқӣ ҷалб мекунад. Маблағҳои қарзро ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дар асоси шартномаҳои бо кредиторон басташуда ба муҳлати кутоҳ ва дарозмуддат ҷалб кардан мумкин аст. Ба санаи 31 декабри соли 2023 ва 2022 маблағи қарзҳо ва векселҳо барои пардохт 1,598,351 ҳазор сомонӣ ва 1,497,149 ҳазор сомониро ташкил дод. Вазифаи муҳими роҳбарияти Бонк - ин баҳо додан ба қобилияти Бонк оид ба иҷрои саривақтии уҳдадориҳои худ аз руи қарз ва векселҳо мебошад.

Аз ҷониби мо расмиёти зерин амалӣ карда шуданд:
- шартномаҳо оид ба қарзҳо ва векселҳои қалбшуда таҳлил карда мешаванд;
- пуррагӣ ва дурустии ӯҳдадориҳои дар ҳисобот инъикосгардида, инчунин мутобиқати онҳоро ба СБҲМ санҷидааст;
- қарзҳои ба таври интихобӣ аз нав ҳисобшуда ва фоизҳои онҳо.

Ин тартибҳо ба мо имкон доданд, ки:
- ба дуруст инъикос намудани амалиётҳо мутобиқи СБҲМ боварӣ ҳосил намоем;
- пуррагӣ ва дурустии маълумотро оид ба қарзҳо ва векселҳо барои пардохт дар ҳисоботи молиявӣ тасдиқ намоем.

Эзоҳи 25 «Қарзҳо ва векселҳо барои пардохт» маълумоти муфассалро оид ба қарзҳо дар бар мегирад.

Параграфи диққатҷалбкунанда

Тавре ки дар Эзоҳи 4 ба ҳисоботи молиявӣ тавсиф шудааст, Бонк нусхаи пешинаи ҳисоботи молиявии худро барои соле, ки 31 декабри соли 2023 ба охир мерасад, бозхонд ва ҳисоботи молиявиро барои ҳамон давра аз нав нашр кард. Сабабҳои ин бозхонд ва дубора интишор дар ёддошти 4 зикр шудаанд.

Дар робита ба ин тағйирот, мо ҳисоботи аудитии қаблии худро аз 29 марти соли 2024, ки дар он огоҳӣ оид ба дуруст эътироф кардани қарзи ҳисобшудаи фоизҳо аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон додашуда мавҷуд буд, бозхонд ва ин ҳисоботи ислоҳшударо пешниҳод кунем. Пас аз ворид намудани ислоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, андешаи мо дар бораи ҳисоботи молиявии аз нав нашршуда якдилона аст.

Мо расмиёти худро мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (СБМ) анҷом додем, ки аз мо талаб мекунад, ки аудитро ба нақша гирифта ва анҷом диҳем, то боварӣ ҳосил кунем, ки оё ҳисоботи молиявӣ аз таҳрифҳои ҷиддӣ холӣ аст ё не. Тартиби аудити мо барои рӯйдодҳои пас аз санаи ҳисоботӣ танҳо бо рӯйдодҳое, ки барои тағирот дар ҳисоботи молиявӣ маҳдуданд, маҳдуд аст.

Диққати шуморо ба ёддошти 16-и ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем, ки дар он зарари ҳисобшудаи қарзӣ аз рӯи қарзҳои муштарӣ оварда шудааст, ки дар санаи 31 декабри соли 2023 1,729,427 ҳазор сомониро (2022: 1,373,206 ҳазор сомонӣ) ташкил дод. Бонк методологияи тасдиқи моделеро, ки барои баҳодиҳии

THE POWER OF BEING UNDERSTOOD
ASSURANCE | TAX | CONSULTING

RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity in any jurisdiction.

RSM

талафоти пешбинишудаи қарзӣ дар соли 2018 таҳия шудааст, роҳбарӣ мекунад. Мо дар ин бора фикри тағйирёфтаро баён намекунем.

Маълумоти дигар

Ҳисоботи молиявии Бонк дар санаи 31 декабри соли 2022 ва барои соле, ки ба итмом расид, аз ҷониби аудитори дигар, ки оид ба ҳисоботи санаи 31 марти соли 2023 андешаи мусбӣ баён кардааст, тафтиш карда шуд.

Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд

Роҳбарият барои таҳия ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молияви зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омода намудани ҳисоботи молияви зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молияви, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Бонк оид ба давом додани фаъолияти бефосилаи худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ тааллуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосилагӣ масъул мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Бонк, қатъ намудани фаъолияти онро дошта бошад, ва ё вақте ки роҳи дигари воқеиро ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатънамоии фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорати таҳия намудани ҳисоботи молияви Бонк ба зимма мегиранд.

Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молияви

Ҳадафи мо аз он иборат аст, ки эътимоди оқилона ба даст орем, ки ҳисоботи молияви таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо надорад ва дар нашри хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Боварии оқилона дараҷаи баланди эътимодро ифода мекунад, аммо кафолати он нест, ки аудити мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (минбаъд «СБА») гузаронидашуда ҳамеша метавонад таҳрифи назарраси мавҷударо ошкор намояд. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо бошанд ва агар ба таври асоснок тахмин кардан мумкин бошад, ки онҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар метавонанд ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси ин ҳисоботи молияви таъсир расонанд, муҳим ҳисобида мешаванд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо ақидаҳои касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тули тамоми санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо корҳои зеринро иҷро менамоем:

- хавфҳои таҳрифи назарраси ҳисоботи молияви дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо муайян ва арзёбӣ менамоем; дар посух ба ин хавфҳо расмиётҳои аудиторӣ таҳия намуда ва иҷро менамоем; далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи амали беинсофона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои беинсофона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;

- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудиторӣ, ки ба ҳолатҳо мутобиқат менамояд, вале на бо мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Бонк, ба даст меорем;

RSM

- хусусияти дурусти сиёсати баҳисобгирии татбиқшаванда ва дурустии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва ифшои дахлдори маълумотро аз ҷониби Роҳбарият омодашударо арзёбӣ менамоем;

- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии назаррас вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи назаррас дар қобилияти Бонк оид ба давом додани фаъолияти бефосилагӣ ба вуҷуд ояд, хулоса мебарорем. Агар мо дар мавҷуд будани номуайянии назаррас ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молияви ҷалб намоем, ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале рӯйдодҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Бонк қобилияти давом додани фаъолияти бефосилагии худро гум менамояд.

Мо ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо, ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити ба нақша гирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои назаррас оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла, камбудиҳои назаррасӣ низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Ҳамроҳбари аудит, ки аз руи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақили мазкур нашр шудааст, Мафтунҷон Баратов ба ҳисоб меравад

Бахрулло Муллоев
Ҳамроҳбари Идоракунанда – ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон БМТ № 0000134 аз 29 декабри соли 2020

Мафтунҷон Баратов
Ҳамроҳбари Идоракунанда
Шаҳодатномаи мутахассиси ауди бонк БМТ № 0000057 аз 30 декабри соли 2015

18 июли соли 2024

RSM

КУШОДАИ «ОРИЁНБОНК»

СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТ ВА ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

ҶСК «Ориёнбонк»
Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки
31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст
Тарҷумаи ғайрирасмӣ

ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА ВА ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 БА АНҶОМ РАСИДААСТ
(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст
Ба ҳисоб гирифтани даромади фоизӣ бо усули самараноки меъёри фоизӣ	5	460,373	486,959
Харочотҳои фоизӣ ва ба он монанд	5	(135,802)	(196,963)
ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ ТАЛАФОТИ ПЕШБИНШУДАИ ҚАРЗИИ ҚАРЗҲОИ МИЗОҶОН		**324,571**	289,996
Ташаккули захираҳо барои талафоти пешбинишудаи қарзии қарзҳои мизоҷон		(356,221)	(42,135)
ФОИДАИ СОФИ СОЛОНА		**(31,650)**	247,861
Даромадҳои комиссионӣ	6	95,752	96,016
Харочотҳои комиссионӣ	6	(34,892)	(93,636)
Даромади соф/(зарар) аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ	7	63,041	153,732
Ташаккулёбии захира таҳти бекурбшавии дигар дороиҳо	8	107,604	(84,229)
Дигар даромадҳои ғайриамалиёти	9	58,017	959
ДАРОМАДҲОИ ҒАЙРИАМАЛИЁТИИ СОФ		**289,522**	72,842
Харочотҳои амалиётӣ	10	(209,036)	(188,386)
ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ		**48,836**	132,317
Андоз аз фоида	11	19,381	(43,159)
ФОИДАИ СОФИ СОЛОНА		**68,217**	89,158
Дигар даромади умумӣ		-	-
ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ УМУМӢ		**68,217**	89,158

Ҳисоботи молиявӣ дар саҳифаҳои аз 8 то 12 дар санаи 18 июли соли 2024 аз ҷониби Раиси Раёсат ва Сармуҳосиби Бонк ба имзо расидааст.

Асадуллозода Ҳасан
Раиси Раёсат

Ҳасанов Мунтасир
Сармуҳосиб

Эзоҳҳои замимашуда аз саҳифаҳои 13 то 77 қисми таркибии ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб мераванд.

8

ҶСК «Ориёнбонк»
Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки
31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст
Тарҷумаи ғайрирасмӣ

ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 БА АНҶОМ РАСИДААСТ
(бо ҳисоби ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	31 декабри соли 2023	31 декабри соли 2022
ДОРОИҲО			
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	12	2,137,292	1,303,321
Воситаҳо бо дастрасии маҳдуд	13	166,679	109,223
Воситаҳои пулӣ дар бонкҳо	14	266,671	682,848
Воситаҳои молиявие, ки бо арзиши одилона баҳогузорӣ шуда,тағиротҳои онҳо дар таркиби фоида ё зарар инъикос меёбанд.	15	5,088	952
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	16	1,996,856	2,029,425
Сармоягузорӣ	17	3,506	3,472
Воситаҳои асосӣ	18	521,029	513,653
Дороиҳо барои ҳуқуқи истифода	19	15,623	12,046
Дороиҳои ғайримоддӣ	20	772	2,863
Дороиҳои дарозмуддат, барои фурӯш	21	-	-
Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда	11	16,586	
Дороиҳои дигар	22	162,611	61,656
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		**5,292,713**	4,719,459
ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ			
ӮҲДАДОРИҲО:			
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	23	35,285	61,572
Амонатҳои мизоҷон	24	2,396,178	1,841,487
Қарзҳо ва векселҳо барои пардохт	25	1,598,351	1,497,149
Ӯҳдадориҳои иҷора	19	17,192	13,241
Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда	11	-	32,101
Ӯҳдадориҳои дигар	26	74,228	170,647
ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО		4,121,234	3,616,197
САРМОЯ:			
Сармояи саҳҳомӣ	27	625,337	625,337
Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ		79,434	84,425
Захираҳои умумӣ		108,348	108,348
Фоидаи тақсимнашуда		358,360	285,152
ҲАМАГӢ САРМОЯ		1,171,479	1,103,262
ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ		**5,292,713**	4,719,459

Ҳисоботи молиявӣ дар саҳифаҳои аз 8 то 12 дар санаи 18 июли соли 2024 аз ҷониби Раиси Раёсат ва Сармуҳосиби Бонк ба имзо расидааст.

Асадуллозода Ҳасан
Раиси Раёсат

Ҳасанов Мунтасир
Сармуҳосиб

Эзоҳҳои замимашуда аз саҳифаҳои 13 то 77 қисми таркибии ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб мераванд

9

ХАЗИНАИ НОДИРИ ДАСТНАВИСҲОИ ОСОРИ БЕДИЛ

(Аввалаш дар саҳ.6)

Дар қисмати нусхаҳои чопи сангӣ бошад, чанд нусхаи “Куллиёт” мавчуд аст, ки зимни ошноӣ бо онҳо равшан шуд, ки се адади он, аз ҷумла яке бо шумораи 1096511 ҳамон чопи маъруф ба сафдарист, ки дар матбааи Бомбайи Ҳинд соли 1299/1882 бо кӯшиши Нуриддин ибни Ҷевохон ном тоҷири китоб нашр шудааст. Нусхаи дигари куллиёт ҳамон нашри маъруф бар кобулист, ки бо кӯшиши Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ дар миёни солҳои 1963-1965 чоп гардидааст.

Ба ишорати устод Бобобек Раҳимӣ, ки бо такя бар феҳристи нусхаҳои ин китобхона иттилоъ додаанд, қадимтарин нусхаҳои хаттӣ аз осори Бедил дар ин китобхона нусхаи маснавии “Тилисми Ҳайрат” аст. Ин нусха дар феҳриствораи китобхонаи мазкур бо шумораи 1008558/2 маҳфуз аст, ки соли китобаташ дар ҳамин феҳрист 1129/1717 зикр ёфта. Ин нишондод ин нуктаро тайъид мекунад, ки воқеан дар замони зиндагии Бедил мактуб шуда. Нусха аз ду китоб - яке маснавии шоири дигари сабки ҳиндӣ



Носиралии Сарҳиндӣ ва дигаре ҳамин маснавии “Тилисми ҳайрат”-и Бедил таркиб ёфтааст. Ҳарчанд дар феҳриствора нусха муаррифӣ шудааст, вале имкони дарёфт ва мушоҳидаи худи он муяссар нагардид. Ба иттилои масъулини шуъба, имкон дошта, ки бархе аз ин нусхаҳо ба китобхонаҳои дигар интиқол ёфта бошанд. Маҷмуи маълумоте, ки роҷеъ ба ин нусха дар кутуб ва манобеъ зикр ёфта, маъхуз аз ҳамон феҳристест, ки дар боло ба он ишорат шуд. Мутаассифона ҳарчанд ин маълумот дар феҳристи нусхаҳои хаттии китобхона мавчуд аст ва баргаи онро ҳам мушоҳида кардем, вале худи нусха пайдо нашуд. Ба назари мо, таърихи мазкур то ҷое машкук менамояд ва шояд иштибоҳан чунин зикр гардида. Зеро қадимтарин нусхае, ки аз ин маснавӣ то кунун муаррифӣ шуда, ҳамонест, ки дар таркиби қадимтарин нусхаи куллиёти Бедил маҳфуз дар китобхонаи Худобахши Панта ҷой дорад ва китобати он дар “Понздаҳуми шаҳри сафари 1137 ҳичрии муборак ба хати аъҷаз-ул-ибод Муҳаммад Ворис ибни Муҳаммад Боқир-ул-Сиддиқӣ”. Аз ин иттилоъ равшан мешавад, ки нусхаи қадимтарини маҳфуз аз ин маснавӣ 8 сол қабл аз он таърихе китобат шудааст, дар феҳристи китобхона омада. Дар баробари ин, дар нусхаи девони қадими Бедил, ки матни он дар ин куллиёт комилан омада, маснавии мазкур мавчуд нест. Аз ин рӯ, ба эҳтимоли зиёд дар зикри таърихи соли китобати нусхаи мавриди назар шояд иштибоҳ рафтааст ё ба эҳтимоли зиёд нусхаи дигаре манзур аст, ки дар ин китобхона бо чунин шева маҳфузанд, яъне маснавии “Тилисми ҳайрат” ҳамроҳ бо осори дигар якҷоя дар як муҷаллад оварда шудааст. Албатта, ҳоло ин баҳс таҳқиқи бештареро хостор аст ва агар дар ҳақиқат чунин нусха мавчуд буд, дарёфт ва истифодаи он дар тасҳеҳи маснавии “Тилисми ҳайрат” амри муҳим ва муфид хоҳад гардид.

Дар маҷмуъ, ошноӣ бо махзани нусхаҳои хаттии китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов ин амрро мусаллам мегардонад, ки воқеан як хазинаи нодири нусахи мероси хаттии Шарқ, аз ҷумла адабиёти форсу тоҷик мебошад, ки истифода аз он дар тасҳеҳи сарчашмаҳои тоҷикиву форсӣ, арабиву туркӣ ва ӯзбекӣ хеле муҳим аст ва умедворем, ки дар оянда дар заминаи ҳамкориҳои илмии муштарак корҳои арзишманде дар матншиносӣ ба анҷом хоҳад расид. Ҳадди ақал дар навбати аввал таҳия ва нашри китоби “Нусхаҳои хаттии осори Мирзо Абдуқодири Бедил дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов” амри муҳим ва ибтикоре судманд дар бедилшиносии ҷаҳонӣ хоҳад буд.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, профессор Холмуродов Рустам Ибрагимович, ноибректори бахши илми ин донишгоҳ Хушвақтов Ҳаким Абдилҳакимович барои истиқбол аз ташаббуси раёсати МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” баҳри мавриди омӯзиш қарор додани нусхаҳои хаттии Девони Бедил ва истифодаи мо аз ин махзани ганҷҳои маънавӣ изҳори сипос менамоям.

Ҳамзамон, барои мусоидат дар анҷоми ин ҳамкории судманд ба доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъа Ҳамроев ва мудири шуъбаи дастнависҳои китобхона Муҳаммадҷон Бузруков чиҳати истиқбол ва пазироии самимона, анҷоми рисолати хуби касбӣ низ бо камоли сидқ ташаккур мегӯям.

Нуралӣ НУРЗОД,
профессор

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1189778 ба номи Меликов Фаридун Раҳматуллоевич, ки соли 2023 аз МТМУ №175-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри гумшуда ба номи Содиқов Исомиддин Сафомиддинович (табиб), РМА: 025654215, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи №11 АБ №002877 ба номи Ғурбатов Қурбонали Файзуллоевич, ки соли 1997 аз ҷониби Литсейи ҳарбии шаҳри Душанбе (Суворовская школа им. Ташмухамедова) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор донниста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Муродов Зокир Холбобоевич, РЯМ: 0730130675, РМА: 075020191, ки санаи 07.03.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0146261, рақами қайд №2056, ба номи Давлатшоева Маҳина Муҳамадшоевна, ки санаи 08.05.2020 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №д-4475 аз 22.07.2024, аз номи Юсупова Хурсанд Абдураҳмоновна ба номи Разоқов Раҳмиддин Каримович, бо суроғаи ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи И. Эшонов, хонаи б/р, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Ҳисор ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03304651, ба номи Ризвонов Рухшед Хуршедович, ки санаи 10.04.2020 аз ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Саидов Ҳамидулло Садуллоевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Румӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03253508, ба номи Толибзода Суннатулло Нурулло, ки санаи 02.03.2020 аз ШВКД ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақа, №05936, ба номи Ҷароилов Абдулло Ҳабибуллоевич, ки аз ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Вита", ки дар Вазорати адлияи ҶТ аз 25.05.2017, таҳти №921В аз нав ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз сабаби гум шудани ҳуҷҷатҳои аслиаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Давлатова Сарвинисо Ғоибовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мастонгулов (собиқ Титова), 3/4 (аз чор се) ҳиссаи хонаи истиқоматӣ, №33, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШУ №0047354 ба номи Маматкулов Фарход Сухробҷонович, ки соли 2005 аз ҷониби МТМУ №66-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 №140701 ба номи Раҳмонова Нодира Турсунполотовна, ки санаи 10.06.1994 аз МТМУ №53-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Шамсов Садриддин Насриддинович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, пос. Армуғон, хонаи 297, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ва қарори истифодабарии манзили истиқоматӣ ба номи Шамсов Садриддин Насриддинович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, пос. Армуғон, хонаи 297, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ХДФ "Очилди", РМА: 335144962, РЯМ: 3330016305, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Патенти СИ Ибрагимов Изатулло Набибуллоевич, РЯМ: 0730054674, РМА: 075649206, аз санаи 23.12.2011, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи СИ Эшкуватов Изатулло, РЯМ: 0730082100, РМА: 095184569, аз санаи 14.06.2013, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0182582 ба номи Холиқова Муаттар, ки соли 2021 аз ҷониби АИДНП ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1105576 ба номи Баротов Навруз Умедҷонович, ки санаи 13.06.2020 аз ҷониби МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Панҷакент, ҷамоати деҳоти Саразм, шаҳраки Саразм, ки санаи 22.09.2010 аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ба Ҳакимов Сироҷ дода шудааст, эътибор надорад.

► Дафтари ҳавлидорӣ, ки аз тарафи Хадамоти шиносномадиҳию бақайдгирии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Раҷабова Ҳангома Назруллоевна нисбат ба квартираи №18, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 23/14 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи Корхонаи давлатии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Душанбе ба Раҷабова Ҳангома Назруллоевна нисбат ба квартираи №18, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 23/14 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 31-уми августи соли 2021, таҳти феҳристи №1Ш-3167 ба Раҷабова Ҳангома Назруллоевна нисбат ба квартираи №18, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 23/14 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Дидор-2013", №0257161, РЯМ: 0210016804, РМА: 020039665, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Маркази Тамоси Симин", №0268004, РЯМ: 0110028179, РМА: 010104637, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Бунёди Барқ", РЯМ: 1210009231, РМА: 120039131, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Ташкилоти ҷамъияти "Вита" дар Вазорати адлияи ҶТ аз санаи 25.05.2017, таҳти №921В аз нав ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ошхонаи Аъло", РЯМ: 0310025073, РМА: 030037062, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ЭЪЛОН

ДАР БОРАИ МУЗОЯДАИ ФУРУШИ АВТОМОБИЛИ ХИЗМАТӢ

ШАРТҲО ВА ТАЛАБОТҲО:

• Дар музояда метавонанд шаҳрвандони Тоҷикистон ширкат варзанд.

• Автомобил барои азназаргузаронӣ дар суроғаи зерин гузошта шудааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Лоҳур, деҳаи Меҳрвар, МОИ.

• Санаи азназаргузаронӣ 25 сентябри соли 2024 аз соати 10:00 то 12:00 мебошад.

• Фурӯш дар асоси пешниҳодҳои ба довталаби баландтарин пешниҳодшуда анҷом дода мешавад.

• Пешниҳодҳо бояд дар лифофаи пӯшида ба идораи ҶДММ “ОСИЁ Р” дар суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Лоҳур, деҳаи Меҳрвар, МОИ пешниҳод карда шавад. Лутфан дар лифофа: музояда, санаи пешниҳоди дархост, ному насаб ва рақами телефони ширкаткунандаро нишон диҳед. Пешниҳодҳое, ки дер ё дар лифофаи кушода пешниҳод шудаанд, баррасӣ карда намешаванд.

• Кушодани лифофаҳо 25 сентябр соати 14:00 баргузор мегардад.

• Ширкат ҳуқуқи рад кардани ҳама гуна пешниҳодро бидуни нишон додани сабабҳо нигоҳ медорад;

• Ҳама гуна шакли пардохт (нақд ё интиқоли бонкӣ);

• Харидор розӣ аст, ки автомобил дар ҳолати мавҷуда, бе ягон кафолати хаттӣ ё ба тариқи дигар, дар асоси "ҳар ҷое ва ҳар гуне, ки ҳаст" фурӯхта мешаванд;

• Автомобили фурӯхташударо иваз кардан ё баргардонидан мумкин нест;

• Интиқоли автомобили танҳо пас аз пардохти пурраи нархи музояда анҷом дода мешавад;

• Пардохт ва гирифтани автомобили бояд дар давоми 5 рӯзи корӣ аз рӯзи эълони номи ғолиб анҷом дода шаванд.

• Ширкат барои таъмир ва дигар нигоҳдории мошинҳои фурӯхташуда масъул нест;

• Ҳама гуна харочоти имконпазир барои барасмиятдарории гумрукӣ, интиқол ва суғурта аз ҷониби харидор пардохт карда мешавад.

ХУСУСИЯТҲО:

1	**VIN:**	JTEJU3FJ4FK084066;
2	**Тамға (Модель):**	ТОЙОТА ЛЕНД КРУЗЕР ПРАДО 4.0
3	**Навъи ВН (Категория транспортного средства):**	Сабукрав/Внедорожник
4	**Соли бароиш (Год выпуска):**	2015
5	**Навъи кузов (Тип кузова):**	Внедорожник;
6	**Рақами шассӣ (Номер шасси):**	JTEJU3FJ4FK084066;
7	**Навъи муҳаррик (Тип двигателя):**	3956/бензин;
8	**Ранг (Цвет):**	Сафед (Белый);
9	**Тавоноии маҳаррик, кВт/қ.а. (Мощность двигателя, кВт/л.с.):**	182/248
10	**Вазни пурраи ҷоиз кг. (Максимальный общий вес кг.):**	2850
11	**Вазни холис (Вес нетто):**	2070
12	**Қуттии интиқоли суръат (Коробка передач):**	Худкор (Автомат);
13	**Воҳиди ронандагӣ (Привод):**	Пурра (Полный) 4X4;
14	**Масофаи тайнамуда (Пробег):**	120044 км;
15	**Ҳолат (Сосотянии):**	Хуб (Хороший).
16	**Нархи ибтидоӣ (Минимальная цена):**	245,008 сомонӣ;

ТУҲФАИ ТАБИАТ БА БЕМОРОНИ ДИЛ

Дил узви аз ҳама муҳим - муҳаррики ҷисми инсон мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як шахс бояд пеш аз ҳама барои солимии дил кӯшиш намояд. Имрӯз мо ба шумо дар бораи меваю сабзавоте маълумот медиҳем, ки барои солимӣ ва кори бонизоми дил ёрӣ мерасонанд.



АНОР



Анор аз витаминҳои С, Е, А ва гурӯҳи витаминҳои В бой буда, бар замми ин, боз моддаҳои муфиди дигаре дорад, ки барои фаъолияти ҷисмонии инсон хеле зарур мебошанд. Анор сатҳи гемоглобинро дар хун баланд гардонида, гардиши хунро дар организми инсон ба низом медарорад. Оҳани дар таркиби ин меваи хуштамъ ва гуворо мавҷудбуда ба кори бонизоми дил ёрӣ мерасонад. Ба ғайр аз ин, анор дар таркибаш антиоксидантҳои фаъоле дорад, ки бо хуҷайраҳои саратонӣ мубориза мебаранд.

БАНАН



Банан манбаи асосии калий - моддаи аз ҳама зарурӣ барои кори бонизоми дил аст. Ба ғайр аз ин, банан аз оҳан бой буда, камхуниро пешгирӣ менамояд. Он дар муддати кӯтоҳ сатҳи гемоглобинро дар хун баланд намуда, кори дил ва рагҳои хунгарди онро ба танзим медарорад ва дар маҷмуъ ба тамоми органнизми инсон қуввату неруи тоза ато менамояд. Ногуфта намонад, ки банан дар таркибаш боз триптофан ҳам дорад. Ин модда асабониятро бартараф намуда, дили инсонро моломоли эҳсосоти гуворо мегардонад.

ХУРМО



Хурмо аз витаминҳои С, Е, А ва дигар моддаҳои муфид бой аст. Ягон меваи дигар ба андозаи хурмо дар таркибаш магний надорад. Ин модда деворaҳои хунгардро васеъ намуда, барои гардиши хуби кори дил ёрӣ мерасонад. Барои бартараф намудани камхунӣ рӯзе ҳамагӣ 1-2 дона хурмо хӯрдан кифоя мебошад. Барои дил натанҳо меваи тару тозаи хурмо, балки афшӯра, яъне шарбати он низ фоида дорад. Тирамоҳу зимистон метавонед хурмои хушккардашударо истифода баред.

ЛИМӮ



Лимӯ натанҳо барои солимии дил, балки барои кори бонизоми системаи эндокренӣ ва рӯдаву меъда низ зарур аст. Онро натанҳо барои пешгирӣ, балки дар якчоягӣ бо доруву дармон баҳри табобати як қатор бемориҳои дил, аз қабили аритмия, тахикардия, бемории ишемиявии дил ва ҳатто норасоии кори дил низ истифода мебаранд. Гап дар сари он аст, ки лимӯ мушакҳои дилро пурқувват месозад. Хусусияти дигараш паст кардани фишори хун мебошад. Шахсоне, ки бемории фишорбаландии шараёнӣ доранд, бояд пайваста лимӯ хӯранд, то ки фишорашон баланд гаштаву, ба дил зиён нарасонад.

ПОМИДОР




Хоҳед, ки диватон мисли соат бе танаффус кор кунад, ҳар рӯз помидор хӯред. Помидор гардиши хунро беҳтар намуда, системаи муҳофизатии организми инсон - иммунитетро пурқувват мегардонад. Дар таркиби помидор витаминҳои РР ва С зиёд буда, таппиши дилро ба низом медарорад. Ногуфта намонад, ки помидор натанҳо ба дил, балки ба рагҳои хунгарди он низ фоида дорад.

КАДУ




Барои тоза кардани организм, халосӣ аз холестерин ва гардиши хуби хун ёрӣ мерасонад. Каду дар таркибаш пектин дошта, хатари бемории атеросклероз гирифтор шуданро пешгирӣ менамояд. Шумо метавонед кадуро дар хӯроки худ истифода баред ё шарбати онро бинӯшед.

ПИЁЗ



Пиёз махсусан барои миокард фоиданок аст. Он дар таркибаш магний, калий, калсий ва натрий дошта, атеросклерозро пешгирӣ мекунад. Рагҳои хунгардро аз холестерин тоза намуда, барои кори бонизоми дил кумак мекунад.

СИРПИЁЗ



Касоне, ки ба иллатҳои дил гирифторанд, бояд шабона пеш аз хоб ҳатман сирпиёз хӯранд. Дар таркиби сирпиёз моддаҳои муфиде мавҷуданд, ки дар саломатии дил ва рагҳои хунгарди он нақши калидӣ доранд. Аллитсин ва фитонсидҳои дар таркиби сирпиёз мавҷудбуда мушакҳои дилро пурқувват намуда, таппиши онро ба низом медароранд.

ЗАНҶАБИЛ



Занҷабил намудҳои гуногун дошта, барои дил хеле фоиданок аст, зеро дар таркибаш витамини С ва дигар микроэлементҳои муфид дорад. Антиоксидантҳои дар таркиби он мавҷудбуда кори тамоми узвҳои дохилии инсон, аз ҷумла дил ва рагҳои хунгарди онро ба низом медароранд. Ба ғайр аз ин, занҷабил капсаисин дорад, ки кори системаи дилу рагҳоро танзим менамояд. Боз як хосияти хуби занҷабил дар он аст, ки боқимондаҳои холестеринро ба пуррагӣ аз ҷисми инсон мебарорад. Флавоноидҳои занҷабил шуморо аз таъсири ногувори муҳити беруна муҳофизат менамоянд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта шуморо бахт ҳамсафар мегардад. Ба ҳар коре, ки даст занед, бобарору сердаромад мешавад. Аз ин рӯ, фикри истироҳату бекорхӯҷагиро аз сар дур карда, аз пайи кор шавед. Эҳтимоли бо нафари қудратманде шинос шуданатон дар назар аст.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта ягон кори ҷиддиро оғоз накунед, вагарна ном мешавед. Ҳаёти оилавию муносибатҳои ошиқонаатонро низ ин ҳафта тақдир аз санҷиши ҷиддӣ мегузаронад. Муносибат бо дӯстдоштаатон сард мегардад, рашк ба решаи ниҳоли бахтатон теша мезанад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав бо рӯйдодҳои ачоибу ғароибаш шуморо як лаҳза зиқ шудан намегузорад. Сешанбе аз таърифу тавсифи атрофиён болидаруҳ мегардед. Нимаи дуюми ҳафта мушкиле пеш меояд, ки зудтар бояд онро рафъ намоед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта бо ташвишу мушкилиҳояш зодагони бурҷи саратонро сарсону саргардон мекунад. Хабари нохуше дар бораи ёратон мешунаведу худро ноҳинҷор ҳис мекунед. Пеш аз пода чанг набардошта, барои аниқ кардани ҳақиқат кӯшиш намоед.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта зодагони бурҷи асад барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбиашон бояд кӯшиш намоянд. Барои оғоз намудани тиҷорат ё кори нав имконияти хуб пайдо мешавад. Агар кордониатонро исбот карда тавонед, кордатон болои равған мешавад.



Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта бо роҳбарият ҷанҷол накунед, вагарна хавфи аз кор хориҷ шуданатон дар назар аст. Дар гуфтору рафтор эҳтиёткор бошед, то дӯстони наздикатонро аз даст надиҳед. Охири ҳафта барои мулоқоти ошиқона созгор аст.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта дар касбу кор комёбӣ ҳатман насибатон мегардад.

Яке аз дӯстон бо рафтори номатлубаш озоратон медиҳад. Худро ба даст гиред, вагарна душманатонро хурсанд мекунед. Нимаи дуюми ҳафта вохӯрии ногаҳонӣ ва шиносоии аҷиб дар назар аст.



Ақраб
23.10 - 22.11

Охири ҳафта ҳолати руҳиятон каме бад мешавад. Асабҳоятонро эҳтиёт намоед, худро ба даст бигиред, то депрессия боиси хурӯҷ намудани дарди дил ва дигар касалиҳои кухнаатон нагардад.

Имкони ба даст овардани фоидаи хуб вуҷуд дорад.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта ба дӯстонатон ягон ваъда надиҳед, чунки аз уҳдааш намебароеду обрӯятон коста мегардад. Ба рӯи баъзе зодагони бурҷи қавс дари бахту саодати оилавӣ кушода мешавад. Сарчашмаи нави даромад имкони ба даст овардани маблағи калонро пеш меорад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Рӯзи сешанбе ҳама гуна тиҷорат барор мегирад ва шартномаҳое, ки баста мешаванд, манфиат меоранд. Ин ҳафта бо табъи хушу рӯҳи болида тамоми масъалаҳои корӣ ва шахсиатонро ҳал мекунед. Даромади калони пулӣ имкони амалишавии орзуҳоятонро медиҳад.




Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта айёми хуб барои оғоз намудани тиҷорат ва корҳои пулӣ ба ҳисоб меравад. Бепарвоӣ бас аст, акнун бояд ҷиддӣ бошеду зиндагиятонро дигаргун созед. Сешанбе маблағеро, ки кайҳо қарз дода будед, бармегардонанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафта барои зодагони бурҷи хут душвор ва пур аз санҷишҳои ҷиддии қисмат аст. Хабаре дар бораи бевафоии ёратон ба гӯшатон расида, шуморо ҷигархун мекунад. Худро таҳқиршуда шумурда, дарҳол оташин нашавед. Барои ҷудошавӣ шитоб накунед.



Ирода

Зане бо шавҳараш моҷаро мекунад:

- Ҳа, мардак, ту нӯшиданро кай бас мекунӣ?

- Ту худат нағз медонӣ, ки ман чандон одами боирода не?,- посух медиҳад шавҳар,- ҳарчанд кӯшиш мекунам, нашуда истодааст.

Зан мегӯяд:

- Се сол боз роҳи ҷогаҳи маро фаромӯш кардаӣ, ба ин иродаат мерасаду ба араҷа партофтан не?!

Куштор

Зан мефаҳмад, ки шавҳараш бо зани ҳамсоя робита дорад. Ба хашм омада, ба сараш дод мезанад:

- Худи ҳозир рафта, ӯро несту нобуд мекунӣ, вагарна ҳардуятонро шарманда мекунам.

Шавҳар:

- Ту асабӣ нашав, занакҷон. Ҳозир рафта, ӯро мекушам, несту нобуд мекунам.

Мард аз хона мебарояд. Аз миён панҷ соат мегузарад, аммо шавҳар барнамегардад. Зан хавотир шуда, аз хона мебарояду дар девори хонаи ҳамсоя нардбонро мебинад.

“Аниқ дар болои ҳамин бом кушта истодааст”,- аз дил мегузаронад зан ва ба болои бом баромада, мебинад, ки шавҳараш бо зани ҳамсоя айшу ишрат ва бӯсобӯсӣ доранд. Зан ин манзарароро дида, мегӯяд:

- Мардак, куштанаш ки ҳамин буд, чаро аввал худамро накуштӣ?

Қаҳр

Марде субҳ ҳамроҳи занаш ҷанг карда, дар сари қаҳру ғазаб аз хона баромада меравад. Шом гурусна ба хона меояд ва дар сари дастурхон мешинад. Занаш ҳам бо қаҳр ним коса хӯрокро оварда, дар назди шавҳараш мегузораду ба ошхона меравад. Мард мебинад, ки хӯрок кам асту сер намекунад, мегӯяд:

- Ман серам, аммо ин хӯрокро барои касе оварда бошӣ, кам аст.

Музди меҳнат

- Агар ба ҳисоби миёна гирем, музди меҳнат дар Тоҷикистон 1200 сомонӣ аст,- мегӯяд марде ба рафиқаш.

- Ин ҳисоби миёнаро чӣ гуна муайян мекунанд?,- гаранг шуда, савол медиҳад рафиқаш.

- Мушкил нест, роҳбар гӯшт мехӯрад, ман пиёз. Яъне, мо дар якҷоягӣ манту мехӯрем.

Муштзан

Муштзане баъди якум даври бозӣ аз мураббияш мепурсад:

- Устод, ба фикри шумо дар даври дувум ҳам ӯро мағлуб карда метавонам?

- Бешубҳа, агар ту ҳамин тавр дастонатро беҳуда ба ин тарафу он тараф афшондан гирӣ, билохира, ҳарифат шамол хӯрда, бемор мешавад.

Хӯрок

Ҷавонзане, ки ба наздикӣ издивоҷ кардааст, ба шавҳар занг зада, мегӯяд:

- Мардак, имшаб чӣ хӯрок пазам?

Шавҳар мегӯяд:

- Ту хӯрок пухтан гир, баъд ягон ном мегузорем!

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Квота

Рафиқе бо асабоният аз Мундонӣ пурсид:

- Ман як чизро нафаҳидам. Лутфан кумакам кунед.

- Шумо аз аҳли фаҳм будед ку, чӣ шуд, ки ба кумаки ман эҳтиёҷ пайдо кардед?,- бо кунҷковӣ суол кард Мундонӣ.

Рафиқ гуфт:

- Мегӯянд, ки квотаро ба донишкадаву донишгоҳҳо маҳз барои камбағалону ятимон бароварда буданд, то онҳо тавонанд аз манотиқи дурдаст омада, дар шаҳрҳо таҳсил кунанд, ҳунар омӯзанд ва ба деҳаҳо баргашта, хизмат кунанд. Лекин чаро тавассути квота имрӯзҳо маҳз хешу табори мансабдорон ба донишгоҳҳо қабул мешаванд?

- Саволи бисёр ачиб аст,- гуфт Мундонӣ сари бемӯяшро хорида-хорида,- ҷавобаш ҳам бояд ачиб бошад.

- Чӣ хел?,- чизеро нафаҳмида, боз суол кард рафиқ.

Мундонӣ гуфт:

- Охир, барои он ки аз зиндагии воқеии камбағалону ятимон огоҳ шаванд, мансабдорон маҷбуранд чанд муддат ба онҳо наздиктар гарданд.

- Квота ба наздикшавии мансабдорону камбағалон чӣ алоқамандӣ дорад?,- боз бо ҳайрат пурсид.

- Алоқамандии зич дорад,- гуфт Мундонӣ ва оромона илова кард:

- Ҳоло маҳз ҳамин квотаи гуфтагиат як роҳи оддитарини наздикшавии мансабдорон ба камбағалону ятимон аст. Бо ин роҳ онҳо фарзандонашонро ба ҷойи камбағалону ятимон ба донишгоҳҳо қабул карда, аз ҳаёт ва зиндагии онҳо, тарзи хонданашон огоҳ мешаванд.

- Бечора камбағалон чӣ кор кунанд?,- бо ғазаб боз суол кард рафиқ.

Мундонӣ гуфт:

- Камбағалону ятимон низ дар чунин ҳолат, агар дар бахшҳои шартномавӣ қабул шаванд, худро чанд сол ба ҷойи мансабдорон эҳсос карда, монанди онҳо пули шартномаву хонаи иҷора супорида, мебинанд, ки мансабдор будан чӣ азобу хароҷоте доштааст. Ин аст, ки баъди хатми мактаб фикри мансабро намекунанд, чӯраҷон.

- Аҷаб ҷойивазкунӣ ва аҷаб наздикшавие,- гуфт рафиқ ва бо киноя афзуд:

- Хуб мешуд агар онҳо ҳангоми гирифтани даромад ҷойи ҳамдигарро иваз кунанд?

- Не, не,- гуфт Мундонӣ бо табассум.- Беҳтараш ҳар кӣ дар ҷойи худаш бошад.

Зиндагии бегурдаву бевиҷдон

Мундонӣ ба аёдати беморе рафт, ки чанд рӯз пеш ҷарроҳӣ шуда буд. Баъд аз ҳолпурсӣ бемор афсурдаҳол гуфт:

- Табибон як гурдаамро бурида партофтанд. Намедонам акнун бо як гурда зиндагӣ карда метавонам ё не...

- Парво накун,- гуфт Мундонӣ ӯро тасалло дода.- Одамон хеле чизҳо надоранд, зиндагӣ карда гаштаанд.

- Чӣ хел?,- бо тааҷҷуб пурсид бемор.

Мундонӣ гуфт:

- Фалониро бин, модарзод на виҷдон дорад, на инсоф. Ту ба ҳар ҳол як гурдаи дигар дорӣ...

Дар лабони бемор табассум шукуфт.



Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

Сканворд

